# СОЛИ НАВИ МЕЛОДӢ МУБОРАК!

ИНСОН, ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ Ӯ АРЗИШИ ОЛӢ МЕБОШАНД

# МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

E-mail: law.tnu.tj@gmail.com

НАШРИЯИ ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСИИ ДМТ **** № 16-17 (179-180) 27-УМИ ДЕКАБРИ СОЛИ 2022, СЕШАНБЕ




## АЗ ПАЁМИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Мо мактабро ба ҳайси боргоҳи илму дониш, саводу маърифат ва омӯзгорро чун шахси мафкурасозу тарбиятгари насли наврас эътироф карда, ба онҳо арҷу эҳтиром гузоштанро аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимтарин медонем.

Зеро агар мактаб ва омӯзгор набошад, сатҳи маърифатнокии мардум паст мегардад, миллат бесавод мемонад, ҷомеа ба ҷаҳолат гирифтор мешавад ва дар натиҷа оромиву сулҳу субот, амнияту осоиш ва муҳимтар аз ҳама, рушди давлат сахт халалдор мегардад.

Фаромӯш набояд кард, ки пешрафти давлат ва ояндаи ободи Ватан аз сатҳи донишу маърифатнокии мардум вобастагии мустақим дорад.

## ПАЁМ МУБОРАК!

Шукӯҳу манзалату шаъну эҳтиром муборак,
Намоди тантанаи давлату низом муборак,
Набарду ҳиммату пирӯзии мудом муборак,
Бузургии назару вусъати калом муборак,
Барои миллати соҳибватан Паём муборак!
Забону миллату таъриху нангу ном муборак,
Зуҳури тозаи фарҳангу фарру ҷом муборак,
Давоми дигари ин роҳи бардавом муборак,
Ва шаҳди неъмати худмеҳварӣ ба ком муборак,
Барои миллати соҳибватан Паём муборак!
Қиёми лолаи парчам ба авҷи бом муборак,
Нишони зарҳали ин тоқи нуқрафом муборак,
Суботу ваҳдату осудагии ом муборак,
Сапедаи саҳару рӯшании шом муборак,
Барои миллати соҳибватан Паём муборак!

Абдуллоҳи РАҲНАМО

МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

**Муассис:**
Факултети
ҳуқуқшиносии ДМТ
www.law.tnu.tj

**Сармуҳаррир:**
Эмомалӣ
МИРАЛӢ
www.law.tnu.tj@gmail.com

**Муовини сармуҳаррир:**
Ҳамза БОБОХОНЗОДА
**Муҳаррир:**
Некрӯз САФАРЗОДА
**Тарроҳ:**
Акмал Шарипов

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:**
**Қурбонализода Н.Ш.**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, декани факултети ҳуқуқшиносӣ;
**Сафарзода Б.А.**
профессори кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ;
**Маҳмудов И.Т.**
мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ;
**Раҳимзода М.С.**
муовини декан оид ба илм ва инноватсия;
**Сулаймонов Ф.С.**
дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ.

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА:**
**Насриддинзода Э.С.**
Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа, профессори кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ, узви вобастаи АМИТ;
**Саидзода Р.Х.**
Вазири маориф ва илми ҶТ;
**Ватанзода М.М.**
Муовини аввали раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ.
**Хушвахтзода Қ.Х.**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, ректори ДМТ.
**Раҳмон Д.С.**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, ректори ДДК ба номи А. Рӯдакӣ.
**Маҳмудзода М.А.**
профессори кафедраи ҳуқуқи гражданӣ, академики АМИТ.
**Раҳимзода М.З.**
профессори кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат, узви вобастаи АМИТ.

**ШАРТҲОИ ҚАБУЛИ МАВОД:**
Дастнавис қабул карда намешавад.
Мавод бояд бо ҳуруфи Times New Roman Tj 14 ҳуруфчинӣ шуда бошад.
Рӯзнома на ба ҳамаи андешаи муаллифон мувофиқ аст ва ақоиди мухталифро ба хотири риояи чандандешӣ ба табъ мерасонад.
Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги ҶТ тахти №0336/рз аз 18-уми марти соли 2016 ба қайд гирифта шудааст.
Нишонии идора: ш. Душанбе, Буни Ҳисорак, шаҳраки Донишҷӯён, факултети ҳуқуқшиносии ДМТ.
Телефон: (+992) 907-67-20-20
(+992) 939-25-98-28
Теъдод: 1000
Навбатдори шумора:
**Миралӣ Собир**

# ПАЁМИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН



23 декабри соли 2022 дар толори калони «Кохи Сомон»-и Бӯстонсаройи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Паёми худ «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии ҶТ» ба Маҷлиси Олии ҶТ суханронӣ намуданд.

Дар толор раёсат, аъзои Маҷлиси миллӣ, вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ, Сарвазир ва аъзои Ҳукумати мамлакат, Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳбарияти вазорату кумитаҳои давлатӣ, идораҳои назди Президент ва Ҳукумат, мақомоти марказии судӣ ва дигар ниҳодҳои ҳифзи ҳуқуқу тартибот, Академияи миллии илмҳо, муассисаҳои олии таълимӣ, роҳбарони марказҳои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ, як гурух собиқ вакилони Иҷлосияи XVI Шурои Олии ҶТ, аъзои Шурои ҷамъиятӣ, Ҳаракати Ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон, вакилони як қатор иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, сиёсӣ ва эҷодӣ, роҳбарияти корхонаю муассисаҳои ҷумҳуриявӣ, бонкҳо, доираи тоҷирону соҳибкорон ва ҷавонони ташаббускор, намояндагони ҳайати дипломатӣ ва воситаҳои ахбори умум иштирок доштанд.

Дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба пешбурди самароноки сиёсати хориҷӣ ва таъмини пешрафти соҳаҳои иқтисоду саноат, энергетика, роҳу нақлиёт, амнияту мудофиа, ҳифзи ҳуқуқу тартибот, тандурустӣ, фарҳанг, илму маориф, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ вазифаҳои мушаххас ба миён гузоштанд.

# ИЛМ, ДОНИШ, ХИРАД – РАВШАНГАРИ ЗИНДАГӢ





Озмуни ҷумҳуриявии “Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст” тахти сарпарастии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҳамасола баргузор мегардад. Тавре ки маълум аст, озмуни мазкур бо мақсади баланд бардоштани завқи китобхонӣ, тақвияти неруи зеҳнӣ, дарёфти чеҳраҳои нави суханвару сухандон, арҷ гузоштан ба арзишҳои миллию фарҳангӣ, тақвияти ҷаҳони маънавӣ миёни аҳолии кишвар, аз ҷумла донишҷӯёни муассисаҳои олии касбӣ доир мегардад.

Ҷамъбасти озмун дар соли 2022 ба санаи 17 декабри соли равон рост омад. Натиҷаҳои озмуни зикршуда, гувоҳи онанд, ки имсол низ донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносии ДМТ сазовори ҷойҳои ифтихорӣ гардиданд. Аз ҷумла, донишҷӯи соли аввали факултети ҳуқуқшиносӣ Қудратуллозода Шукрона аз рӯйи номинатсияи “Адабиёти ҷаҳон” сазоворӣ ҷойи сеюм, Манижаи Баҳодур аз рӯйи номинатсияи “Адабиёти классикӣ” ва Тоҳири Шукрона Тоҳир аз рӯйи номинатсияи “Адабиёти классикӣ” сазовори ҷойи ифтихорӣ гардиданд.

Ҳамчунин, соли ҷорӣ бо ибтикори бевоситаи Раиси шаҳри Душанбе мухтарам Рустами Эмомалӣ озмуни шаҳрии “Ту қалби Тоҷикистонӣ Душанбе” рӯйи кор омад. Озмуни мазкур, бо мақсади дарёфти чеҳраҳои сухандону суханвар ва донишу малакаи баланди илмӣ баргузор гардид.

Натиҷаи ниҳоии озмуни нишон дод, ки донишҷӯи соли 1 факултети ҳуқуқшиносӣ Хуҷамкулова Шукрона сазовори ҷойи якум ва Пирова Гулафзо - ассистенти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ сазовори ҷойи дуюм гардида, бо ҷоизаи Раиси шаҳри Душанбе қадрдонӣ карда шуданд.

Садорати факултет, ҳайати таҳририяи нашрияи «Минбари ҳуқуқшинос», устодону кормандон ва донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ Қудратуллозода Ш., Манижаи Б. ва Тоҳири Ш.Т., Хуҷамкулова Ш. ва Пирова Г.-ро ба ин дастовади арзишмандашон таҳнният гуфта, барои онҳо муваффақият ва комёбиҳои беназирро дар ҷодаи омӯзиши илм орзуманданд.

**Таҳияи**
**Муъмин РАҲИМЗОДА**

# ҲУҚУҚИ ИНСОН: ДИРӮЗ ВА ИМРӮЗ



Тахти ин унвон санаи 9 декабри соли 2022 бо ташаббуси кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ бахшида ба таҷлили рӯзи ҳуқуқи инсон конференсияи байналмилалии илмию амалӣ баргузор гардид.

Муовини ректори донишгоҳ оид ба илм ва инноватсия Сафармамадзода С.М. зимни ироаи сухани ифтитоҳии хеш ҳозиринро ба муносибати рӯзи ҳуқуқи инсон табрику шодбош намуда, иброз намуданд, ки баргузории чунин ҷорабиниҳои сатҳи баланди илмӣ дар инкишофи низоми ҳуқуқии кишвар ва боло бурдани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ нақши бориҷи худро мегузорад. Мавсуф нақш ва мавқеи миллати тоҷикро дар масири таърих дар роҳи шинохти ҳуқуқи инсон ва эҳтиром гузоштан ба он бисёр баланд арзёбӣ намуд.

Сипас, декани факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Қурбонализода Н.Ш. бо сухани шодбошӣ баромад намуда, нақш ва мавқеи Эъломияи умумии ҳуқуқи башарро дар инкишофи ҳуқуқи байналмилалӣ ва миллӣ дар самти ҳуқуқи инсон баланд арзёбӣ намуд. Мавсуф зимни ироаи сухани шодбошӣ қайд намуд, ки ҶТ дар самти ҳуқуқи инсон ба дастовардҳои беназир ноил гардидааст, ки дар ин кор саҳми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ҶТ, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон хеле бузург аст. Таъсиси мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон, Ваколатдор оид ба ҳқуқи кӯдак ва дигар сохторҳое, ки бевосита ба ҳуқуқи инсон сару кор доранд, самараи ташаббусҳои Пешвои миллат дар бахши таҳкими мақому манзалати инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ҳар фард мебошанд.

Дар кори конференсия олимони маъруфи ватаниву хориҷӣ намояндагони Дастгоҳи иҷроияи Президенти ҶТ, Маҷлиси Олии ҶТ, кормандони мақомоти судӣ, прокуратура, намояндагон аз вазоратҳои адлия, корҳои дохилӣ ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, намояндагони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар, ВАО ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, инчунин устодону кормандони факултети ҳуқуқшиносӣ иштирок намуданд.



Дар ҷаласаи пленарии конференсия зиёда аз 19 маърӯза дар мавзуъҳои гуногуни ҳуқуқӣ пешниҳод ва мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Конференсия кори худро дар чор бахш ба роҳ монда, дар он зиёда аз 94 маърӯза бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ дар шакли бевосита ва ғоибона пешниҳод гардиданд.

Дар фарҷом изҳори умед карда шуд, ки конференсияи мазкур дар баланд бардоштани сатҳи донишҳои ҳуқуқии мутахассисони соҳа, инкишофи соҳаҳои гуногуни ҳуқуқ ва таҳкими қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд нақши арзандаи худро хоҳад гузошт.

**Таҳияи**
**Ҷ. САЪДИЗОДА**

# ИҚДОМИ РОҲБАРИЯТИ ДМТ



Дар пайравӣ ба ташаббусҳои инсондӯстонаву хайрхоҳонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон санаи 26 декабри соли 2022 роҳбарияти ДМТ ба сарбозону афсарони қисмҳои низомии 6592, 3502 ва 5453-и Қӯшунҳои дохилии ВКД миқдори муайяни хӯрокворӣ ҳамчун туҳфаи солинавӣ тақдим намуда, барои онҳо барномаи фарҳангии идона, ки ансамбли халқии «Наврӯз»-и донишгоҳ омода намуда буд, ташкил карданд.

Ҳайати донишгоҳ таҳти роҳбарии муовини аввал, муовини ректори донишгоҳ оид ба таълим Собирзода Н.М. бо афсарону сарбозон мулоқот намуда, фарорасии соли нави мелодии 2023-ро самимона табрик намуда, аз шарту шароити сарбозон боздид намуданд. Таъкид шуд, ки Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон қодиранд, ки дастоварду манфиатҳои давлати тозаистиқлол, сохти конститутсионӣ ва ҳаёти осоиштаи мардумро ҳимоя ва таъмин намоянд.





Бояд қайд намуд, ки роҳбарияди ДМТ дар пайравӣ ба сиёсати инсонпарварони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва талошу заҳматҳои пайвастаи шаҳрдории кишвар чунин иқдомҳои некро дар арафаи ҳар ҷашну маросим амалӣ менамояд, ки ин иқдом яке аз хислатҳои накӯи инсонпарварӣ дониста мешавад.

# БЕҲТАРИН ДОНАНДАИ КОНСТИТУТСИЯ



Бо ташаббуси Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Озмуни ҷумҳуриявии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таҳти унвони «Беҳтарин донандаи Конститутсияи ҶТ» санаи 22-юми ноябри соли 2022 баргузор гардид.

Озмун бахшида ба 28-умин солгарди қабули Конститутсияи ҶТ ва 30-солагии Иҷлосияи 16-уми Шурои Олии ҶТ миёни донишҷӯёни 18 муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар ташкил шуда буд.

Дар озмуни мазкур донишҷӯи соли 4 Ғуломалӣ Шаҳром Ғуломалӣ сазовори ҷои аввал ва ҳамакунун ғолиби озмун гардид, донишҷӯи соли 3 Иномов Амирҷон сазовори ҷойи ифтихорӣ гардид.

Садорати факултет, ҳайати таҳририяи нашрияи «Минбари ҳуқуқшинос», устодону кормандон ва донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ Ғуломалӣ Шаҳром Ғуломалӣ ва Иномов Амирҷонро ба ин дастоварди бузург таҳният гуфта, ба онҳо комёбию бурдбориҳо таманно доранд.

**Таҳияи**
**Умед МУРОДЗОДА**

# ҲИЗБЕ, КИ МАҲСУЛИ ТАФАККУРИ ЭҶОДИИ ХАЛҚИ МОСТ



Санаи 8 декабри соли 2022 бо ибтикор ва ташаббуси роҳбарияти Кумитаи иҷроияи ибтидоии “Дониш”-и ДМТ дар толори фарҳангиву адабии ба номи Шарифҷон Ҳусейнзода ҳамоиши ҳизбӣ таҳти унвони «Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон – ҳимоятгари Истиқлоли давлатӣ ва таҳкимбахши суботи сиёсӣ» баргузор гардид.

Дар ҳамоиши мазкур муовини раиси КИИ «Дониш» Ҷамолиддин Шарипов, муовини Раиси КИ ҲХДТ дар ноҳияи Шоҳмансур Шукрулло Наботов, раиси ташкилоти ибтидоии «Муносибатҳои байналхалқӣ» Ҷаъфаров С., устоди факултети таърих Сабзалӣ Асоев ва устоди факултети ҳуқуқшиносӣ Эмомалӣ Миралиев иштирок ва суханронӣ намуданд.

Дар рафти чорабинӣ ҳозирин нақши ҲХДТ-ро дар амалӣ намудани барномаҳои стратегии давлату Ҳукумат дар бахшҳои иқтисоду сиёсат, илму фарҳанг, баланд бардоштани маърифати сиёсию ҳуқуқии мардум, беҳдошти рӯзгори сокинони ҷумҳурӣ беандоза муҳим арзёбӣ намуданд.

**Таҳияи**
**Хайём РАҶАБЗОДА**



# МУҚОВИМАТ БО КОРРУПСИЯ: ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВӢ, ҚОНУНГУЗОРӢ ВА АМАЛӢ

Таърихи 3 декабри соли 2022 бо ташаббуси кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ таҳти унвони «Муқовимат бо коррупсия: ҷанбаҳои назариявӣ, қонунгузорӣ ва амалӣ» чорабинии илмӣ-назариявӣ баргузор гардид, ки дар рафти он устодон, аспирантону магистрантон ва донишҷӯён иштирок намуданд.



Чорабинии илмӣ бо сухани ифтитоҳии декани факултети ҳуқуқшиносӣ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Қурбонализода Н.Ш. оғоз гардид. Мавсуф иброз намуд, ки дар марҳилаи кунунӣ муқовимат ба коррупсия ва кирдорҳои ба он алоқаманд дар баробари фаъолияти самараноки мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ, вазифаи ҷонии ҳар фарди ҷомеа эътироф мегардад. Зеро, яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҳукумати мамлакат муқовимат ба ҷинояткорӣ, аз ҷумла, кирдорҳои коррупсионӣ дониста мешавад.

Сипас, мудири кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия Раҳмонзода М.Ҷ. ба сухан баромада, ба тамоми иштирокчиён баҳри ширкаташон дар ҷамъомади илмӣ изҳори сипос намуд. Зикр гардид, ки яке аз роҳҳои асосии муқовимат бо ин падидаи зиддиҷамъиятӣ анҷом додани таҳқиқотҳои илмӣ-амалӣ дониста мешавад. Зеро, маҳз бо ин усул имконияти ошкор кардани сабабу омилҳои даст задан ба кордорҳои коррупсионӣ муайян гардида, амалҳои мазкур пешгирӣ карда мешавад.



Баъдан, дар асоси барномаи омодагардида маърузачиён баромад намуда, паҳлуҳои гуногуни масъалаҳои баррасишавандаро мавриди таҳлил қарор доданд.

**Таҳияи**
**Эмомалӣ МИРАЛӢ**



# ТАРБИЯИ ВАТАНДӮСТИИ ҶАВОНОН

Санаи 17 декабри соли 2022 дар факултети ҳуқуқшиносии ДМТ вохӯрии Сардори Академияи ВКД ҶТ, генерал-майёри милитсия Шарифзода Файзалӣ Раҳмоналӣ бо донишҷӯёни факултет баргузор гардид.

Сараввал, Директори Донишкадаи такмили ихтисоси омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии назди ДМТ, профессор Мирзамонзода Х.М. ҳамоишро кушода, меҳмонро ба факултети ҳуқуқшиносӣ хайру мақдам намуда, иброз дошт, ки огоҳ намудани насли ҷавон аз хатарҳои муосир боис он мегардад, ки ҳисси хештаншиносӣ дар қалби онҳо ҷой гирифта, дар ҳама шароиту вазъият аз арзишҳои миллии хеш дифоъ менамоянд.

Генерал-майори милитсия Шарифзода Файзалӣ Раҳмоналӣ бошад, дар масъалаи ҷалби ҷавонон ба гурӯҳҳои террористиву ифротгаро, маблағгузории ҷиноятҳои хусусияти террористидошта ва дигар мушкилоти ҷойдошта андешаҳои худро ироа намуд.

Баъдан, миёни донишҷӯён ва Сардори Академияи ВКД ҶТ генерал-майёри милитсия Шарифзода Файзалӣ Раҳмоналӣ саволу ҷавоб сурат гирифт.

Дар охир донишҷӯён фикрҳои худро баён намуда, қайд намуданд, ки мо ҷавонон кӯшиш менамоем, ки донишҳои худро васеъ намуда, забонҳои хориҷиро аз бар карда, барои пешрафти кишварамон хизмат менамоем.



# ҲИМОЯИ РИСОЛАИ ИЛМӢ ФАРХУНДА БОД!



Факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ҳамчун хазинаи бузурги донишу хирад дар тарбия намудани ҳуқуқшиносони варзида ва кадрҳои баландихтисос нақши босазо дорад. Тарбияи чунин кадрҳо, пеш аз ҳама, ба ҳимояи рисолаҳои номзадӣ ва анҷом додани таҳқиқотҳои илмӣ вобастагии амиқ дорад.

Дар ҳамин асно, санаи 24-уми декабри соли равон ассистенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Каримов Даврон Бобомуродович дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир заҳролуд бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан» рисолаи номзадии худро сарбаландона дифоъ намуд.

Аз ин рӯ, садорат, ҳайати таҳририяи нашрияи «Минбари ҳуқуқшинос», устодону кормандон ва донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ Каримов Д.Б.-ро ба ин дастовардаш аз самими қалб муборакбодӣ намуда, ба ӯ рӯзгори хушу осуда ва фатҳи қуллаҳои нави илмиву эҷодиро баҳри пешбарии илми тоҷик таманно менамоянд.

# МАВҚЕИ ТОҶИКИСТОН Ё ЧАРО ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН КИШВАРИ ТАҶОВУЗГАР НЕСТ?

## (Дар ҳошияи мақолаи Абдуллоҳи Раҳнамо)



Бояд тазаккур дод, ки санаи 29 ноябри соли 2022 дар факултети ҳуқуқшиносии ДМТ вохӯрии муовини аввал, муовини декан оид ба таълим, дотсент Кабутов Э.Д. ва дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия Мирзоахмедов Фирдавс бо донишҷӯёни факултет баргузор гардид. Зимни суҳбат, иброз гардид, ки таърих гувоҳ аст, ки тоҷикон дар ҳеҷ замоне ба хоки дигаре лашкар накашидаанд. Ва ба ҳеҷ аҷнабие имконият намедиҳанд, ки ба хоки мо пои номубораки худро гузоранд. Зеро, ҳар як порчаи марзи муқаддаси Ватани аҷдодӣ барои кулли мо ҷавонон марзи нангу номус, шарафу виҷдон аст. Аз ин лиҳоз, ҶТ ҳамеша аз дипломатияи ҳамсоядорӣ кор мегирад ва талош меварзад, ки ҳама гуна баҳсҳоро дар асоси принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ҳал намояд. Чунки мақсади мо татбиқи сиёсати сулҳҷӯёна дар дохил ва хориҷи кишвар мебошад.



# ХИЁНАТ ВА ШИКАСТИ ФИТНА



Огоҳ будан ва ошкор кардани аъмолу кирдорҳои ноҷавонмардона ва фитнаву хиёнат корест бисёр муҳим. Зеро, ба ин васила, чеҳраҳои ҳақиқии нафароне, ки барои амалӣ сохтани ҳадафу мақсадҳои нопоки худ, пайи ноором кардани ин сарзамин ҳастанд ошкор мешавад.



Аз ин рӯ, бо ташаббуси садорати факултети ҳуқуқшиносӣ аз ҷониби донишҷӯёни факултет филмҳои ҳуҷҷатии “Хиёнат” ва “Шикасти фитна”, ки далели гуфтаҳои боло мебошанд, тамошо гардид. Дар филмҳои мазкур ҳадафу мақсадҳои нопоки аъзои ташкилоти террористии Ҳизби наҳзати ислом бо далелҳои раднашаванда пешниҳоди тамошобинон гардонида шуд.

Тамошои саҳнаҳои гуногуни филми “Хиёнат” ва “Шикасти фитна” ҳар як инсони соҳибақлу бохирадро водор менамояд, ки аз ин аъмоли афроди хиёнатпеша сабақ гирад ва саъю талош намояд, ки худ ва дигарон боиси чунин бадбахтиҳо нагарданд.

# ҒОЛИБИ ЧЕМПИОНАТИ ҶАҲОН

Аз 14 то 16 декабри соли равон дар шаҳри Москваи Федератсияи Россия, Чемпионати ҷаҳон оид ба вазнбардорӣ (пауэрлифтинг) баргузор гардид. Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар вазни 75 кг донишҷӯи соли 3 факултети ҳуқуқшиносӣ Ҳабибов Исфандиёр муаррифӣ намуд. Дар натиҷа Ҳабибов Исфандиёр миёни 19 давлати дунё дар ҷамъ бо 9 нафар мубориза бурда, соҳиби 2 медали тилло ва 1 медали нуқра гашт. Инчунин, ба варзишгари мо дараҷаи «Устоди варзиши Федератсияи Россия» тақдим карда шуд.

Дастоварди навбатӣ муборак бошад!




**Таҳияи Бурҳоналӣ ШЕРЗОДА**

# БАРДОШТ АЗ ПАЁМ

## (Дар ҳошияи Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон)



**Ҷаҳонгир САЪДИЗОДА**
**мудири кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ, дотсент**

Дар Паёми имсолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ тамоми масъалаҳои ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии мамлакат мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор гирифт. Махсусан, Пешвои миллат дар суханронии худ оид ба нақши маориф ва кормандони ин соҳа таъкид намуда, баҳри боз ҳам ҳавасманд



намудани кормандони соҳаи мазкур музди меҳнати онҳо аз 1 июли соли 2022 то 20% баланд бардошта мешавад, ки ин ташаббус эҳтиром ва ғамхории Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои муаззами миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмонро ба соҳаи маориф нишон медиҳад.

Зеро мактабу маориф асоси пешрафту муваффақиятҳои кишвар махсуб ёфта, оянда дурахшони мамлакат аз кадрҳои донишманд, ватандӯст, хештаншиносу худогоҳ вобаста аст. Аз ин рӯ, таваҷҷуҳи давлату ҳукумати кишвар ба ин соҳа бағоят зиёд мебошад. Вобаста ба ин масъала, Пешвои миллат дар Паёми навбатии худ иброз доштанд, ки «Мо мактабро ба ҳайси боргоҳи илму дониш, саводу маърифат ва омӯзгорро чун шахси мафкурасозу тарбиятгари насли наврас эътироф карда, ба онҳо арҷу эҳтиром гузоштанро аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимтарин медонем». Ба ин нуктаҳои ироанамудаи Пешвои миллат амиқтар назари таҳлил афканем, дармеёбем, ки аҳли илму маорифи мамлакат барои иҷрои ин дастуру ҳидоятҳо дар солҳои минбаъда аз солҳои гузашта ҳам бештар масъулияти баландро бояд эҳсос намоянд.

Ҳамин тавр, зикр намудан имконпазир аст, ки ҳар як нуктае, ки дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид гардидааст, фарогири масоили мубрами рушду инкишофи илму маорифи кишвар ва низоми таълиму тарбия мебошад.

**Муҳаммад РАҲМОНЗОДА**
**мудири кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия**



Паёми Пешвои миллат ба Маҷлиси Олии мамлакат ва дар умум барои тамоми шаҳрвандони ҶТ ҳидоятсозандаи роҳи созандагӣ, таҳкимбахшандаи пояҳои давлатдорӣ ва муаррификунандаи миллат дар арсаи байналмилалӣ, таконбахшандаи рушди босуботи кишвар, таъминкунандаи сатҳи шоистаи зиндагӣ ва ҳаёти ҳуқуқӣ ва амнияти миллӣ эътироф мегардад.

Яке аз масъалаҳои асосие, ки пайваста дар Паёмҳои Пешвои миллат ба он таваҷҷуҳ мегардад, пешгирии ҷинояту ҷинояткорӣ, ҳифзи арзишҳои миллӣ, таъмини амнияту суботи кишвар бо роҳҳои муқовимат кардан бо ин падидаҳои зиддиҷамъиятӣ махсуб меёбад. Воқеан, дар пайравӣ аз сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат, мақомотҳои салоҳиятдори мамлакат бо чунин падидаҳои манфии ҷамъиятӣ мубориза беамон бурда, сатҳи содиршавии онҳоро кам месозанд. Аммо, то ба ҳол мушкилиҳо дар ин самт ҷой дорад. Вобаста ба ин мушкилӣ Пешвои миллат дар Паёми навбатии худ низ ишора карда, таваҷҷуҳи сохторҳои давлатиро ба он равона намуд, пайваста ба муқобили ҷинояту ҷинояткорӣ, аз ҷумла, терроризму экстремизм, гардиши ғайриқонунии воситаҳои нашъадор, силоҳи оташфишон, коррупсия мубориза бурда, амнияту субот ва осоиштагии мардуми кишварро таъмин намоян.

**Маҳмадшариф МУМИНЗОДА**
**ассистенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ**



Рӯзи 23-юми декабри соли 2022 Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ ироа шуд. Маврид ба зикр аст, ки Паёми Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ба парлумон ҳамасола дар ҳузури вакилон, роҳбарони мақомоти иҷроия ва суд, намояндагони кишварҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалӣ ироа мегардад. Илму маориф асоси рушди ҷомеа ваояндаи ҳар як ҷамъият ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, ин масъала дар меҳвари сиёсати давлату ҳукумати кишвар қарор дорад ва имсол низ чун ҳамасола Пешвои муаззами миллат дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ самтҳои дохилию хориҷии кишварро таҳлил намуда, боз ҳам нақши маориф, таълиму тарбияи фарзанд, тайёр намудани мутахассисон ва соҳибкасб намудани аҳолӣ ва махсусан ҷавононро аз мақомотҳои соҳаи маорифи кишвар талаб намуданд. Пешвои миллат зикр намуданд, ки роҳбарони сохтору мақомоти давлатӣ ва кулли хизматчиёни давлатӣ дар ин ҷода масъулият дорем ва вазифадорем, ки ба халқи азизи Тоҷикистон софдилонаву содиқона хизмат кунем. Мо бояд боз ҳам бештар заҳмат кашем ва барномаҳои созандаву нақшаҳои бунёдкоронаи барои рушди давлат ва ободии Ватан тарҳрезикардаи худро сари вақт ва бо сифати баланд ба анҷом расонем.

Аз ин рӯ, мо ҷавонон бар ивази ғамхориҳои Ҳукумати кишвар махсусан ташабусҳои Пешвои муаззами миллат вобаста ба нақши ҷавонон саъё кушиши худро зиёд намуда, барои рушди Ватани азизамон саҳмгузор бошем.

**Хуршедулло КАМОЛОВ**
**ассистенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия**

Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ роҳнамоест барои рушди минбаъдаи мамлакат. Чунки маҳз дар Паёми Пешвои миллат сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар муайян шуда, дастурҳои мушаххас оид ба фаъолияти пурсамар дар оянда дода мешавад.

Ҳамчунин, дар Паёми навбатӣ, ки ба санаи 23-юми декабри соли 2022 рост омад, Пешвои миллат ишора ба яке аз навтарин дастоварди Ватани азизи мо, яъне пазируфта шудани та-



шаббуси навбатии ҶТ дар масъалаи ҳифзи пиряхҳо аз ҷониби СММ намуданд.

Воқеан, боиси хушнудист, ки 14-уми декабри соли равон, Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид дар Иҷлосияи 77-уми худ бо ҷонибдории 153 кишвари аъзои ин созмони бонуфуз қатъномаи «Соли 2025 - Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо»-ро эълон намуд. Иқдоми наҷиби саривақтии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар сатҳи байналмилалӣ гарму ҷӯшон дастгирӣ ёфт.

Итминони комил дорем, ки бо татбиқи пурсамари ташаббусҳои байналмилалии Пешвои муаззами миллат нуфузу эътибори кишвари азизи мо дар сатҳи байналмилалӣ боз ҳам боло рафта, барои ҷомеаи байналмилалӣ рушди устувору иқтисоди сабз ва барои наслҳои баъдии инсоният зиндагии шоиставу муҳити зисти солим таъмин мегардад.

# ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН – АМАЛИСОЗАНДАИ ОРМОНҲОИ МИЛЛӢ




Инсоният аз азал то ба ҳол ниёз ба иттиҳоду якдилӣ дошт ва ин анъанаи зиндагӣ то ба ҳол пойбарҷост. Шакли олии ташаккули чунин якдилию якмаромӣ дар шароити имрӯзаи муосир муттаҳид гардидан ба иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва дигар гурӯҳҳое, ки дар асоси қонун фаъолият менамоянд, маҳсуб ёфта, ба ин васила, нақш гузоштан дар пешрафти давлату ҷамъият дониста мешавад.

Аз ин рӯ, яке аз хусусиятҳои асосии давлатҳои демократӣ ва ҷомеаи шаҳрвандии имрӯза, фаъолияти ниҳодҳои мухталиф, аз он ҷумла, ҳизбҳои сиёсӣ ба ҳисоб меравад. Ҳизбҳо ҳамчун иттиҳоди сиёсӣ дар ташаккул ва инкишофи муносибатҳои ҳуқуқӣ-сиёсии байни давлат ва ҷомеа нақши калидиро иҷро менамоянд.

## БУНЁДИ ҲИЗБИ МУТТАҲИДСОЗ

Бинобар ҳамин муҳиммияти хоси худ, 10 декабри соли 1994 ҲХДТ бо ташаббуси бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ таъсис ёфт. Вазъи ҳуқуқии фаъолияти ҲХДТ-ро Конститутсияи ҶТ, Қонуни ҶТ “Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ” аз 13 ноябри соли 1998 бо тағйиру иловаҳои соли 2019, санадҳои байналмилии эътирофнамудаи ҶТ, Оинномаи ҲХДТ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқаррар менамояд. Аз ҷумла, моддаи 3 Қонуни ҶТ “Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ” муқаррар менамояд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо ҳизбҳои сиёсии ҷумҳуриявӣ таъсис дода шуда метавонанд.

Вобаста ба зарурати таъсиси ҲХДТ Пешвои миллат, Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни баргузории Анҷумани 9-уми ҳизб иброз намуданд: «Ҳизби мо дар замоне, ки хатари пароканда шудани миллат ва ҳамчун давлат аз байн рафтани Тоҷикистони тозаистиқлол ба воқеияти рӯз табдил ёфта буда, дар назди миллат ва Ватан, дар назди наслҳои имрӯзу оянда масъулияти бузурги таърихиро ба дӯши худ гирифт».

Воқеан, агар ба таърихи бунёди ҲХДТ назар афканем, аён мегардад, ки дар шароити басо мураккаб таъсис дода шудааст. Новобаста аз мушкилии замон, Пешвои миллат дар андешаи бунёди ҳизби халқие буданд, ки тавонад мардуми мамлакат, яъне аз шаҳрванди қаторӣ то олимону донишмандон, коршиносону сиёсатмадоронро муттаҳид сохта, барои ояндаи дурахшони кишвар саҳму талош варзанд. Таҷрибаи таърихӣ дар муддати зиёда аз сӣ сол нишон дод, ки ин ҳизб ба мактаби бузурги давлатдории Пешвои миллат табдил ёфта, ба ҳайси заминаи асосии омода намудани мутахассисони донишманд баромад карда, дар пайравӣ аз Сарвари давлат барои ояндаи дурахшони кишвар саҳми арзандаи худро мегузоранд.

Дарвоқеъ, иброз доштан мумкин аст, ки ҲХДТ дар назди миллат ва Ватан, дар назди наслҳои имрӯзу оянда масъулияти бузурги таърихиро ба анҷом расонид ва ин амалҳои шоиста идома дорад.

## ҲАДАФҲОИ ОЛИИ МУТТАҲИДСОЗАНДА

Ҳадафҳои олии ҲХДТ дар Оинномаи он муқаррар гардидааст, ки он барои бунёди давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқӣ, дунявӣ, ягона ва самти иҷтимоӣ дошта, аз лиҳози иқтисодӣ тараққиёбанда ва беҳдошти сифати ҳаёти мардум равона шудааст. Маҳз фаъолияти ин ҳизб боис гардид, ки ҳаёти ҳуқуқӣ дар ҷомеа пойбарҷо гардида, заминаҳои мавҷудияти давлати ҳуқуқбунёд мукаммал гарданд. Зеро, яке аз бахшҳои асосии фаъолияи ҲХДТ-ро, ки дар Барномаи он пешбинӣ гардидааст, такмили қонунгузорӣ, таҳкими ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва боло бурдани фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ ташкил медиҳад.

## ТАҲКИМИ ПОЯҲОИ ДАВЛАТИ ҲУҚУҚБУНЁД

Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон арзиши олӣ будани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро эътироф намуда, дар такмили низоми қонунгузории миллӣ бо назардошти манфиати ҳар як шаҳрванд, ҷомеа ва давлат, таҳкими рукнҳои асосии давлатдории миллӣ, тақвияти мубориза бо таҳдиду зуҳуроти барои ҷомеаи мо хатарнок, аз қабили терроризм, экстремизм, коррупсия, инчунин пешгирии ҷиноятҳои фаромиллӣ, боло бурдани фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ пайваста саъю талош хоҳад варзид.

Аз Барномаи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон аён мегардад, ки ҳадафҳои ин ҳизб дар панҷ соли оянда амалӣ намудани масъалаҳои зерин мебошад: - такмили қонунгузории кишвар ҷиҳати таҳкими Истиқлоли давлатӣ, ваҳдату амнияти миллӣ, суботи сиёсӣ ва ягонагии Тоҷикистон бо дарназардошти равандҳои мураккаби ҷаҳонишавӣ ва вазъияти ҷаҳони муосир; - такмили қонунгузорӣ дар самти ҳокимияти судӣ, қабул кардан ва дар амал татбиқ намудани барномаи ислоҳоти судӣ - ҳуқуқӣ; - таҳкими қонунгузории соҳаи бонк ва фаъолияти бонкдорӣ бо мақсади таъмини инкишофи бонизоми системаи бонкӣ; - мусоидат ҷиҳати сода намудани низоми андозбандӣ; - таҳкими қонунгузории мубориза бо ҷиноятҳо дар соҳаи иттилоот ва ҷиноятҳои кибернетикӣ; - таҷдиди қонунгузории соҳаҳои гумрук, андоз ва сармоягузорӣ; - тақвияти ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ ва ҳамватанони бурунмарзӣ ҷиҳати таъмини онҳо бо шуғли арзанда, таъминоти иҷтимоӣ ва ғайра.

Ҳамин тавр, хулоса намудан мумкин аст, ки ҳадафҳои дар боло зикршудаи ҲХДТ дар пешрафту инкишофи ҷомеа ва мутаҳиддии мардум арзишманд буда, таъминкунандаи ҳаёти ҳуқуқии шаҳрвандон ва таҳкими давлати ҳуқуқбунёд мебошанд.



**Эмомалӣ МИРАЛӢ**
**муаллими калони кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия**




# ҲИЗБЕ, КИ ҲИМОЯТГАРИ МАНФИАТҲОИ ҶАВОНОН АСТ



**Хайём РАҶАБЗОДА**
**ассистенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат**

Дар воқеъ, ҷавонони имрӯза, ки насли зодаи истиқлолият мебошанд, бо саҳми арзандаи худ дар рушду инкишофи ҳамаи самту соҳаҳои ҳаёти кишвар худро ҳамчун пайравони воқеии Пешвои миллат ва созандагони боэътимоди имрӯзу ояндаи Ватан муаррифӣ намуданд.

Дар робита ба ин, Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намудаанд, ки: «Мо ба ҷавонони бонангу номуси худ ва ба эҳсоси гарми ватандӯстии онҳо боварии бузург дорем, бо онҳо ифтихор мекунем, зеро онҳо воқеан ояндаи неки Ватан ва идомадиҳандаи кору фаъолияти созандаи мо ҳастанд».

Ин суханони самимӣ воқеан ҳам як такони ҷиддие барои бедор сохтани ҳисси созандагӣ ва масъулиятшиносии ҷавонон дар роҳи ватандорӣ буда, ишораест ба пуштибонии доимии Роҳбарияти Олии кишвар аз қишри ҷавони ҷомеа.

Бо ин мақсад, аз лаҳзаи ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ ва оғоз бахшидан ба бунёди давлатдории навин, Пешвои миллат барои муттаҳид сохтани ин қишри пешбарандаи ҷомеа талошҳои хастанопазирро анҷом доданд. Аз ҷумла, барои сарҷамъӣ ва муттаҳидии ҷавонон ва тарбия намудани онҳо дар роҳи давлатсозии миллӣ таъсис додани як ҳизби нав, ки мувофиқ ба манфиатҳои давлатист, зарур шуморида шуд. Хушбахтона, санаи 10 декабри соли 1994 бо ташаббуси Пешвои миллат, Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон таъсис ёфт, ки то ба имрӯз рисолати худро дар пешрафти ҷомеа ва давлат, тарбия намудани ҷавононро аз лиҳози сиёсӣ обутобёфта гузошта истодааст.

Аз ин рӯ, зикр бояд намуд, ки Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон неруи созанда, ваҳдатофар ва ҳимоятгари манфиатҳои халқу миллат буда, зодаи истиқлол аст ва робитаи қавӣ бо халқ дошта, ифодакунандаи ормонҳои мардумӣ аст. Ҳанӯз аз рӯзҳои аввали таъсисёбиаш бо роҳбарии Пешвои миллат барои зиндагии ободу осудаи мардум, талош намудааст.

ҲХДТ ба ҷавонон ҳамчун ба неруи ояндаи давлати соҳибистиқлол эътимод дошта, ба хотири аз байн бурдани мушкилоти онҳо чораҳои мушаххас меандешад. Махсусан, барои паст кардани шиддати муҳоҷирати меҳнатӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, дастрасӣ ба таҳсилот, ҷалби ҷавонон барои фаъолият дар сохторҳои давлатӣ, аз ҷумла, дар вазифаҳои масъули роҳбарӣ, инчунин, дар мақомоти намояндагӣ ва бо ҳамин роҳ, ташаккул додани қобилияти сарварӣ дар миёни онҳо чораҳои муассирро амалӣ мегардонад.

Ҳамин тавр, иброз бояд дошт, ки мо ҷавонон – созандагони Ватан низ дар навбати худ ифтихор аз он дорем, ки дар роҳи созандагӣ ва тамаддунофарӣ пайраву дастёри Пешвои миллат ҳастем ва тамоми талошу кӯшишҳои худро ба харҷ медиҳем, то ба ин бовариву эътимоди бузург сазовор бошем.



# СОЛИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ҲИФЗИ ПИРЯХҲО



**Фазлиддин ШАРИФЗОДА**
**муаллими калони кафедраи ҳуқуқи нақлиёт ва ҳуқуқи истифодаи сарватҳои табиӣ, н.и.х.**

Дар шароити имрӯзаи ҷомеаи ҷаҳонӣ тағйирёбии иқлим ба сифати яке аз мушкилоти муосир эътироф гардида, ин раванд, метавонад ба камшавии пиряхҳо, захираҳои барф ва об таъсири манфӣ расонад. Натиҷаи чунин мушкилот пешгӯинашаванда дониста мешавад. Зеро, дар натиҷаи тағйирёбии иқлим хушксолӣ ҷаҳонро фаро гирифта, боиси оқибатҳои ногувор барои инсоният мегардад.

Яке аз манбҳои асосии захираҳои обӣ пиряхҳо маҳсуб меёбанд, ки дар натиҷаи тағйирёбии иқлим дар мадди аввал ин сарчашмаҳои оби ошомиданӣ зарар мебинанд. Аз ин рӯ, ҳифзи пиряхҳо ва пешгирии тағйирёбии иқлим дар шароити кунунӣ муҳим арзёбӣ гардида, ташаббусҳои созандаро аз ҷониби давлатҳои ҷаҳон тақозо мекунад. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳалли ин масъала яке аз кишварҳои ташаббускор маҳсуб меёбад.

Зимнан, исботи ин гуфта, он аст, ки 14 декабри соли 2022, Маҷмааи Умумии СММ дар Иҷлосияи 77-уми худ қатъномаи «Соли 2025 – Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо»-ро, ки аз ҷониби ҶТ пешбарӣ шуда буд, қабул кард. Пешниҳоди мазкур иқдоми навбатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дониста шуда, барои наҷоти инсоният аз вартаи хушксолиҳост.

Тавре ишора гардид, Маҷмааи Умумии СММ ташаббуси панҷуми Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соҳаи об якдилона бо қабули қатъномаи махсуси худ тасдиқ намуд.

**Аз таҳлили қатъномаи мазкур бармеояд, ки он фарогири як қатор хусусиятҳои хоси худ мебошад:**

**- дар асоси ин қатънома соли 2025 ҳамчун Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо эълон карда шуд.**

**- минбаъд ҳар сол рӯзи 21 март ҳамчун Рӯзи ҷаҳонии ҳифзи пиряхҳо таҷлил карда мешавад.**

**- мутобиқи ин қатънома СММ тахти ҳамоҳангии Дабири кулли ин созмон Фонди трастии мақсаднок, яъне Хазинаи байналмилалии мақсадноки эътимодро ҷиҳати ҳифзи пиряхҳо таъсис медиҳад.**

**- соли 2025 дар шаҳри Душанбе Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба масъалаҳои ҳифзи пиряхҳо баргузор мегардад.**

Ташаббуси навбатии ҶТ бо роҳбарии хирадмандонаи Пешвои миллат бори дигар аз он шаҳодат медиҳад, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ибтикороти мамлакати мо ва саҳми он барои ҳалли мушкилоти ҷаҳонӣ



# ТОҶИКИСТОН ВА ПОКИСТОН: ТАЪРИХ ВА ДУРНАМОИ ҲАМКОРИҲО

Баъди ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои ҷаҳон ҳамкориҳои худро дар асоси баинобатгирии манфиатҳои тарафайн ба роҳ монд. Яке аз кишварҳое, ки баробари ба даст овардани истиқлолият бо он равобити дуҷониба ба роҳ монда шуд, давлати Покистон маҳсуб меёбад.

Бояд қайд кард, ки муносибатҳои дипломатӣ миёни ҶТ ва ҶИ Покистон 6 июни соли 1992 барқарор гардида буд. Дар ҳамин замина, соли 1993 ҶИ Покистон сафоратхонаи худро дар кишвраи мо таъсис дод ва фаъолияти он аз соли 1994 оғоз гардид.

Муносибатҳои дуҷониба миёни ин ду кишвари бо ҳам дӯсту бародар дар заминаи устувори ҳамкори зина ба зина инкишоф ёфта истодааст. Дар тули 30 соли ҳамкории дуҷониба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 8 маротиба ба ҶИ Покистон сафари расмӣ анҷом додааст.

Ҳамзамон, 14 декабри соли 2022 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо ҳайати корӣ ба ҶИ Покистон сафари расмӣ анҷом дод.

Мулоқоти сарони давлатҳо дар сатҳи олӣ баргузор гардид. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз намуд, ки ҳамкориҳои минбаъдаи гуногунҷанба байни ҶТ ва ҶИ Покистон манфиати ду давлат буда, асоси муҳимми ҳифзи суботу амният ва рушди минтақа ба шумор меравад.

Дар ин росто, миёни Тоҷикистону Покистон як қатор созишномаҳои муҳимми барои тарафҳо судманд ба имзо расонида шуд, аз ҷумла созишномаҳои ҳамкории байнидавлатӣ дар соҳаи нақлиёт, сармоягузорӣ,



**Убайдулло ОДИНАЕВ**
**ассистенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ**

саноати сабук ва хӯроквroutӣ, коркарди захираҳои табиӣ, кишоварзӣ ва саноати дорусозӣ, энергетикаву амният.

Ҳамчунин, бояд иброз дошт, ки ҶИ Покистон ташабусҳои пайвастаи Тоҷикистон, аз ҷумла, эълон кардани соли 2025 – Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳоро муҳим ва саривақтӣ унвон намуд. Дар раванди гуфтушунид ҳамчунин масъалаи рушди байнидавлатӣ дар соҳаи фарҳанг, маориф, илм ва тандурустӣ ташкили конфронсу мизҳои мудаварӣ илмӣ ва баргузории рӯзҳои фарҳангӣ дар кишварҳои ҳамдигар таъкид гардид.

Ҳамин тавр, хулоса намудан имконпазир аст, ки давра ба давра, равобити ҳасанаи ҶТ бо ҶИ Покистон рушд ёфта, ҳамкориҳо хусусияти бисёрҷабҳаро касб мекунанд.



# МУНОСИБАТҲОИ ДӮСТОНА МИЁНИ ДУ КИШВАР

## (Дар ҳошияи сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Покистон)



**Исматулло ИСМАТЗОДА**
**ассистенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ**

Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ, ҳамчун давлати соҳибихтиёр сиёсати дарҳои бозро пеша намуда, дар асоси муқарароти конститутсионӣ, яъне тибқи моддаи 11 Коститутсияи хеш сиёсати сулҳҷӯёнаро дар амал татбиқ намуда, соҳибихтиёрӣ ва истиқлолияти дигар давлатҳои ҷаҳонро эҳтиром менамояд ва муносибатҳои хориҷии хешро дар асоси меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ муайян менамояд.

Мавриди зикр аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо зиёда 126 давлати дунё муносибатҳои дипломатӣ барқарор намуда, аъзои фаъоли созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ мебошад, ки ин дар ҳолати рушду тақвиятёбӣ қарор дорад. Тамоми ин муносибатҳо дар чаҳорчӯбаи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии башардӯстона ба роҳ монда шудааст.

Ҷумҳурии Исломии Покистон, яке аз аввалин кишварҳое мебошад, ки Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро эътироф намуда, бо ҳам муносибатҳои чандинсолаи дӯстонаро мепайвандад. Ҳамкориҳои дуҷонибаи ҶТ бо ҶИ Покистон бо кӯшишҳои тарафайн рушд меёбанд. Дар тӯли 30 соли муносибатҳои дипломатӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҶИ Покистон соли 1994, соли 1996, соли 1997, соли 2004, соли 2011, соли 2015, соли 2021 ва моҳи декабри соли 2022 сафарҳои расмӣ анҷом додааст.

Миёни ду кишвар Комиссияи байниҳукуматӣ оид ба ҳамкориҳои тиҷоратӣ, иқтисодӣ, илмӣ ва техникӣ фаъолият дорад, ки яке аз механизмҳои асосии рушди ҳамкориҳои дуҷонибаи иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Бояд қайд кард, ки тадриҷан барқароршавии гардиши савдо миёни ду кишвар мушоҳида мешавад.

Дар ҳолати имрӯза асоси шартномавию ҳуқуқии муносибатҳои дуҷонибаи ҶТ ва ҶИ Покистонро 111 созишнома ва аҳднома ташкил медиҳанд, ки аз соли 1994 то имрӯз дар сатҳҳои байнидавлатӣ, байниҳукуматӣ ва байнисоҳавӣ ба имзо расидаанд.

Санадҳои асосие, ки дар сатҳи роҳбарони ду кишвар ба имзо расидаанд, самтҳои муҳимтарини муносибатҳои тарафайнро муайян месозанд. Аз қабили Аҳднома дар бораи дӯстӣ, ҳусни ҳамҷаворӣ ва ҳамкорӣ миёни ҶТ ва ҶИ Покистон, Аҳднома дар бораи дӯстии абадӣ миёни ҶТ ва ҶИ Покистон, Созишнома байни Ҳукумати ҶТ ва Ҳукумати ҶИ Покистон оид ба ҳамкорӣ дар самти мубориза бо муомилоти ғайриқонунӣ ва суиистеъмоли воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳои онҳо, Созишномаи тиҷорати транзитӣ байни Ҳукумати ҶТ ва Ҳукумати ҶИ Покистон, Созишномаи байни Ҳукумати ҶТ ва Ҳукумати ҶИ Покистон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи саноат ва технологияҳои нав, Ёддошти тафоҳум дар бораи барқарор намудани муносибатҳои бародаршаҳрӣ байни шаҳри Душанбеи ҶТ ва шаҳри Исломободи ҶИ Покистон, Ёддошти тафоҳум байни Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Донишгоҳи Пешовари ҶИ Покистон ба имзо расидаанд.

Таҷрибаи дӯстии ду кишвар гувоҳ аз он аст, ки минбаъд низ ин дӯстӣ боқӣ монда, робитаҳои дипломатӣ миёни онҳо густурдатар мегардад.

# ИҚТИБОС АЗ ПАЁМИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН

Дар панҷ соли охир сатҳи некуаҳволии мардум тадриҷан баланд шуда, даромади пулии аҳолӣ аз 41,1 миллиард сомонии соли 2018 ба 87 миллиард сомонӣ дар соли 2022 расонида шуд, яъне 2,1 баробар зиёд гардид.

****

Музди миёнаи меҳнат дар кишвар якуним баробар ва андозаи нафақаи ниҳоӣ 1,3 баробар афзоиш ёфт. Дар натиҷа сатҳи камбизоатӣ аз 27,4 фоизи соли 2018 то 22,5 фоиз дар соли 2022 коҳиш дода шуд.

****

Дар панҷ соли охир танҳо барои рушди соҳаҳои маориф ва тандурустӣ 36 миллиард сомонӣ равона гардида, ҳиссаи маблағгузории соҳаҳои иҷтимоӣ дар ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ 44 фоизро ташкил кард. Дар давраи зикршуда аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ 842 бинои муассисаи таълимӣ барои 382 ҳазор хонанда, аз ҷумла дар соли 2022-юм 190 бинои таълимӣ барои 87 ҳазор хонанда сохта, ба истифода дода шудааст.

****

Дар баробари ин, то охири соли 2022 ба 475 ҳазор шаҳрванди эҳтиёҷманди кишвар, аз ҷумла кӯдакони ятим ва бесаробон, маъюбон, оилаҳои камбизоат ва гирандагони нафақаи иҷтимоӣ кумаки молиявии яквакта дар ҳаҷми 600 сомонӣ иловатан пардохт карда мешавад ва ба ин мақсад 285 миллион сомонӣ равона мегардад.

****

Солҳои охир таваҷҷуҳи махсуси Ҳукумати кишвар ба соҳаи сайёҳӣ имкон дод, ки дар баробари афзун гардидани шумораи сайёҳон ширкатҳои сайёҳии ватанӣ низ зиёд гарданд. Дар панҷ соли охир ба кишвари мо беш аз 3,9 миллион нафар, аз ҷумла соли 2022-юм 1 миллион нафар сайёҳон ворид гардидаанд.

****



Ҳукумати мамлакат то соли 2026 бо истифода аз тамоми имкониятхо дар бобати ба касбу ҳунаромӯзӣ ҷалб кардани шаҳрвандони аз 18-сола боло, ки касбу ҳунар надоранд ва саросар соҳибкасб гардонидани аҳолӣ чораҷӯӣ намояд.

****

Бо мақсади беҳтар намудани вазъи иҷтимоии аҳолӣ пешниҳод менамоям:

– аз 1-уми марти соли 2023 музди меҳнати амалкунандаи кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, хизматчиёни ҳарбӣ 25 фоиз ва дигар кормандони ин мақомот 20 фоиз зиёд карда шавад;

– аз 1-уми июли соли 2023 музди меҳнати кормандони муассисаҳои маориф, илм, тандурустӣ, соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ ва стипендияҳо 20 фоиз зиёд карда шаванд;

Ҳамчунин пешниҳод менамоям, ки аз 1-уми июли соли 2023:

– андозаи нафақаи заминавӣ 20 фоиз зиёд карда шавад;

– нафақаҳои суғуртавие, ки дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» таъин ва пардохт мегарданд, ба андозаи сатҳи таваррӯми ду соли охир, вале на кам аз 16 фоиз индексатсия, яъне зиёд карда шаванд;

Дигар нафақаҳои амалкунанда ба андозаи 20 фоиз аз меъёри нафақаи заминавӣ зиёд карда шаванд.

****

Мо мактабро ба ҳайси боргоҳи илму дониш, саводу маърифат ва омӯзгорро чун шахси мафкурасозу тарбиятгари насли наврас эътироф карда, ба онҳо арҷу эҳтиром гузоштанро аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимтарин медонем.

Вобаста ба ин, бори дигар таъкид менамоям, ки бунёди миллати мутамаддин аз маориф оғоз меёбад.

Бинобар ин, ғамхорӣ кардан ба илму маориф, яъне ҳалли масъалаҳои дар ин самт ҷойдошта – сармоягузорӣ ба хотири рушди неруи инсонӣ мебошад.

Мақсад аз амалӣ сохтани тамоми иқдомот дар самти рушди илму маориф баланд бардоштани сатҳи саводнокиву маърифатнокии миллат, мунтазам беҳтар гардонидани сатҳу сифати таълим ва тарбияи кадрҳои ба талаботи замона ҷавобгӯй мебошад.

****

Ҳоло аз шумораи умумии хиз-









матчиёни давлатӣ 25 фоиз, аз ҷумла кадрҳои роҳбарикунанда қариб 20 фоизро бонувону занон ташкил медиҳанд. Инчунин, бонувону занон дар соҳаи маориф 73 фоиз, тандурустӣ 71, фарҳанг 47, бонкдорӣ 39, алоқа 25, аз ҷумла дар соҳаи хизматрасонии иттилоотӣ қариб 40 фоиз мебошанд.

****

Мо, ба нақши зан – модар, ки мавҷуди муқаддас мебошад, ҳамеша арҷ мегузорем, чунки ӯ насли инсонро ба вуҷуд меоварад, тарбия мекунад ва ба камол мерасонад.

****

Ҷавонони Тоҷикистони соҳибистиқлол неруи созандаи Ватан буда, нақши онҳо дар тараққиёти ҳамаи соҳаҳои ҳаёти давлат ва ҷомеа бисёр арзишманд ва назаррас мебошад.

Мо бо ҷавонони кишвари худ ифтихор дорем, зеро онҳо дар рушди давлат ва ободии Ватан фаъолона саҳм мегузоранд, марзу буми сарзамини аҷдодиро ҳимоя мекунанд, ватандӯсту ватанпараст, бонангу номусанд ва ба халқу давлати Тоҷикистон содиқ мебошанд.

****

Хизмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳ барои ҷавонон мактаби ҷавонмардӣ маҳсуб ёфта, дар рӯҳияи ватандӯстиву ватанпарварӣ, худшиносиву худогоҳӣ тарбия намудани хизматчиёни ҳарбӣ ва барои онҳо муҳайё намудани шароити хуби хизмат, инчунин, риояи талаботи ойинномаҳои ҳарбӣ муҳимтарин самти сиёсати мудофиавии кишвар маҳсуб меёбад.

****

Тоҷикистон ҳамкориҳои худро бо шарикони байналмилалӣ, аз ҷумла Созмони Милали Муттаҳид, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Созмони ҳамкории Шанхай, Созмони Аҳдномаи амнияти дастҷамъӣ, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо, Созмони ҳамкории иқтисодӣ, Созмони ҳамкории исломӣ ва дигар сохторҳои бисёрҷониба ҳамчун узви фаъол идома хоҳад дод.

****

Боиси қаноатмандист, ки Тоҷикистон дар сатҳи байналмилалӣ ҳамчун кишвари ташаббускор дар ҳалли масъалаҳои марбут ба обу иқлим эътироф шудааст. 14-уми декабри соли ҷорӣ Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид дар бораи «Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо» эълон кардани соли 2025 ва 21-уми март ҳамчун «Рӯзи ҷаҳонии пиряххо», ки аз ҷониби Тоҷикистон пешниҳод шуда буд, якдилона қарор қабул кард.













# ҲИФЗИ ҲУҚУҚИ ИНСОН АЗ ҶИНОЯТКОРИИ ФАРОМИЛЛӢ



**Шералӣ ХОЛИҚЗОДА**
**дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия**

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибихтиёр бо қабули Конститутсияи хеш ҳуқуқу озодиҳои инсонро эътироф намуда, фаъолияти тамоми мақомоти давлатӣ ба таъмини риояи ин арзиши олӣ равона намудааст. Аз ҷумла, дар моддаи 5 Конститутсияи ҶТ муқаррар гардидааст, ки инсон ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ мебошанд. Ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсон дахлнопазиранд.

Яке аз масъалаҳои доғи рӯз барои ҷомеаи кунунӣ ин ҷинояти савдои одамон дониста мешавад, ки ба ҳуқуқу озодҳои инсон зарар расонда, боис мегардад, ки инсон аз яке аз ҳуқуқҳои мутлақи худ, яъне озодӣ аз ғуломӣ маҳрум гардад.

Мутаассифона, имрӯз ҷалби занону кӯдакон ба ин раванд бо мақсади истисмори шаҳвонӣ ё савдои онҳо чун ҷинояткории муташаккилонаи фаромиллӣ шинохта шудааст, ки барои амният, некуаҳволӣ, риояи ҳуқуқҳои шахсони аз он ҷабрдида оқибатҳои нохӯш ба бор меоварад. Бинобар ин, хатари доманадори чунин зуҳурот ҷавоби зуд, қатъӣ ва тахассусиро дар шакли муқовимат бо он аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳам дар сатҳи миллӣ ва ҳам дар сатҳи байналмилалӣ тақозо мекунад.

Аз ин рӯ, дар самти муқовимат ва пешгирии ҷинояти савдои одамон дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ як қатор санадҳои ҳуқуқӣ қабул гардидаанд, ки заминаи ҳуқуқии мубориза ба ин падидаи манфӣ дар ҷомеаро ба миён меоранд. Аз ҷумла, Конститутсияи ҶТ (моддаҳои 5, 17, 19, 21, 23, 32), Кодекси ҷиноятии ҶТ (моддаҳои 130(1), 131, 138, 139, 140, 149, 165, 167 ва ғайра), Қонуни ҶТ «Дар бораи муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кумак ба қурбониёни савдои одамон» (9 боб, 48 модда), Нақшаи миллии муқовимат ба савдои одамон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2024 (75 банд), Эъломияи умумии ҳуқуқи башар (моддаҳои 3,4), Конвенсияи мубориза ба муқобили хариду фурӯши одамон аз соли 1949 (моддаи 1.2), Конвенсияи иловагӣ оид ба барҳам додани ғуломӣ, савдои ғуломон ва урфу одатҳои ба ғуломӣ монанд аз соли 1956, Паймони байналмилалӣ доир ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ аз соли 1966 (моддаҳои 8.2, 8.3а), Паймони байналмилалӣ доир ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ аз соли 1966 (моддаҳои 6, 7, 10, 13), Конвенсияи СММ дар бораи барҳам додани тамоми шаклҳои табъиз нисбати занон аз соли 1979, Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак ва ғайра.

Яке аз роҳҳои ҳуқуқии муқовимат ба савдои одамон муқаррар гардидани ҷавобгарии ҷиноятӣ дар қонунгузории миллӣ маҳсуб меёбад. Аз ин лиҳоз, дар моддаи 30(1) ҷинояти савдои одамон пешбинӣ гардидааст. Дар моддаи мазкур инъикос мегардад, ки хариду фурӯши одам ва ё нисбат ба ӯ анҷом додани дигар аҳдҳои ғайриқонунӣ, ҳамчунин, новобаста аз розигии қурбонӣ, бо мақсади истисмори ӯ ё бо дигар тарз гирифтани фоидаи ғайриқонунӣ пешниҳод намудан, ҷалб кардан, интиқол, пинҳон кардан, супоридан, ё гирифтани одам бо истифодаи маҷбуркунӣ, рабудан, фиреб, суиистифода намудани гунаҳгор аз вазъи хизматии худ, суиистифода аз боварӣ ё ҳолати оҷизии қурбонии савдои одамон ва ё ришвадиҳӣ ба шахсе, ки қурбонӣ таҳти вобастагии ӯ қарор дорад, маҳсуб меёбад.

Аз муқаррароти моддаи зикршуда якчанд хусусиятҳои ҷинояти савдои одамонро ошкор кардан имконпазир аст:

- ҳангоми содир гардидани кирдори мазкур инсон ҳамчун ашё хариду фурӯш мегардад;
- инсон мавриди истисмори ҷисмонӣ, иқтисодӣ, шаҳвонӣ қарор мегирад;
- ҷабрдида аз як ҷо ба ҷои дигар интиқол дода мешавад, аз ҷумла, аз як давлат ба давлати дигар;
- ин кирдорҳо метавонад ҳам бе розигии ҷабрдида ва ҳам бо розигии ҷабрдида сурат мегирад ва ғайра.

Мушкилоти ошкор кардани ҷинояти савдои одамон дар он аст, ки дар баъзан мавридҳо ҷабрдидагони ин ҷиноят, ки аз оқибатҳои кирдорҳои худ бехабаранд, розигии хешро барои интиқол додани онҳо аз як кишвар ба кишвари дигар медиҳанд ва дар охир қурбонии савдои одмон мегарданд. Бинобар ин, барои содир кардани кирдори мазкур, Қонуни ҷиноятӣ аз 5 то 15 сол ҷазои маҳрум сохтан аз озодиро пешбинӣ намудааст.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, метавон гуфт, ки айни замон заминаи ҳуқуқии қонунгузории амалкунандаи Тоҷикистон имконият фароҳам овардааст, ки фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқро дар самти муқовимат ба савдои одамон равона намояд ва фаъолияти сохторҳои давлатиро дар ин самт қаноатбахш ҳисобидан мумкин аст.



# ИФРОТГАРОӢ ВА ТЕРРОРИЗМ – ДОҒИ РӮЗ

**(Бардошт аз Паёми навбатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ)**



**Маҳмадкарим ШАРИПОВ**
**ассистенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия**

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Паёми навбатии хеш ба Маҷлиси Олии ҶТ аз санаи 23 декабри соли 2022 иброз намуданд, ки сатҳи гаравидани ҷавонон ба гуруҳҳои ифротиву террористӣ ҳоло ҳам зиёд аст. Ташкилотҳои экстремистиву террористӣ аз техникаву технологияи нав истифода бурда, ҷавононро ба сафҳои худ ҷалб мекунанд. Аз ин лиҳоз, Пешвои миллат пешниҳод намуданд, ки дар кишвар Маркази ягонаи иттилооти таҳлилӣ ташкил карда шавад. Барои таъсиси он мақомотҳои дахлдор мавваззаф гардиданд.

Воқеан, мушкилоти асосии ҷомеаи имрӯзаи мамлакатҳои ҷаҳон эктремизму терроризм маҳсуб меёбад, ки аз ин хатари воқеӣ кишвари мо эмин нест. Аз ин рӯ, давлату ҳукумати мамлакат ҳамеша талоши онро менамояд, ки муқобили ин падидаҳои манфии ҷомеа муборизаи устувор бурда, пеши роҳи чунин кирдорҳоро гирад. Вобаста ба масъалаи мазкур, Пешвои миллат дар Паёми навбатии худ низ таваҷҷуҳ кишварҳои ҷаҳонро ба он равона кард, ки ҶТ ҳамеша муқобили кирдорҳои экстремистиву террористӣ муқовимат карда, барои суботу оромии минтақа ва ҷаҳон нақши худро мегузорад. Дар ин самт, таъсис додани Маркази ягонаи иттилооти таҳлилӣ саривақтӣ дониста мешавад.



Мо ҷавонони насли нав дар кадом шакл набошад, ифротгароиро қабул надорем, чунки он ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандонро поймол мекунад.

# UNIVERSAL DECLARETION OF HUMAN RIGHTS - AS DEFENDER OF HUMAN RIGHTS AND FREEDOMS



**Javshanjon OSTONAEV**
**the 1st year student**

In the Republic of Tajikistan, according to the Law of the Republic of Tajikistan «On Holidays», December 10 is celebrated as the day of human rights. This holiday, not a national holiday, is celebrated throughout the countries of the world.

The history of this date depends on the date of adoption of the «General Doctrine of Human Rights». Because, on December 10, 1948, in France, in the city of Paris, this historical document was adopted, which includes 30 articles. Indeed, this document plays an important role in the daily life of mankind.

As happy, free and peaceful citizens, we should be proud of this state and nation. We should be thankful that we have such an independent country, and we should pray that peace will always prevail in this country and that citizens of the country and abroad will enjoy living in this land.

If we look at the history of mankind and compare it with today's society, we will see a significant progress. In particular, Ancient Rome was considered one of the most advanced states in terms of legislation and statecraft, and some states still use its legislation. However, if we look at the situation of the people of that period, it is extremely terrible.





In Rome, only the subject of law was called «Persona», which title was given to those who have full legal status and enjoy the following elements:

1. status of freedom - status libertatus;
2. civil status - status civitatus;
3. family status - status families;

According to the first element, people were divided into free and slave, and whatever law was passed, it concerned the free people. Slaves at that time were considered equal to objects, and the slave owner treated the slave as food. He even executed him for his sin. Other foreigners did not have many rights and were grouped and their rights were severely restricted. Over time, the number of slaves began to decrease, and their execution was prohibited, because their labor force was nneeded.

According to the second element, Roman citizens and foreigners were separated, and in this context, a citizen must be a Roman citizen in order to acquire legal capacity.

According to the third element, it was allocated to the heads of the family and their subordinates. Persons who have these three elements are considered to have full legal ccapacity.

The Universal Declaration of Human Rights is a document in which all human rights and freedoms are detailed. It is necessary to emphasize that the implementation of these rights and freedoms do not contradict the goals and principles of the United National Organization.



# ПАЁМ – ҚУТБНАМОИ РУШДУ ТАРАҚҚИЁТ

**Умед МУРОДЗОДА**
**ассистенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ**



Паёми Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳуҷҷати муҳимми сиёсӣ ва сарнавиштсози мамлакат ба ҳисоб рафта, барои фароҳам оварда-ни рушди устувор дар соҳаҳои хоҷа-гии халқи мамлакат нақши калидӣ хоҳад гузошт.

Ҳамасола, дар кишвар ин ҳуҷҷати муҳим ба таври мушаххас аз ҷониби Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иҷроа мегардад, ки давоми як соли рушди босуботи соҳаҳои хоҷагии халқи мамлакат дар он мавриди баррасӣ қарор мегирад.

Дар Паём Пешвои муазза-ми миллат таҳлилҳои саҳеҳ ва асоснокро пешниҳод намуда, нишондиҳандаҳоро дар самти иқтисодию иҷтимоӣ дар муқоиса бо солҳои аввали соҳибистиқлолии мамлакат таҳлил намуда, ҳамаи дастовардҳоро маҳсули меҳнати содиқонаву софдилонаи ҳар як шаҳрванди заҳматкаши Тоҷикистони соҳибистиқлол ҳисобиданд.

Дар Паёми имсолаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба амалӣ гардидани нақшаву қарордодҳои нав дар самтҳои мух-талифи ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, маориф, тандурустӣ ишора шуда, ки дар оян-да барои рушди босуботи кишвар мусоидат хоҳанд кард.

Паёми Президенти кишвар пеш аз ҳама, дастури кории мақомоти давлатӣ ва ҳар як шаҳрванд мебо-шад, бинобар ин, ҳар як шаҳрванд аз Паём вазифаҳои дахлдори худро гирифта, бояд ҷиҳати амалигардо-нии ин ҳадафҳои созанда кӯшиш намояд.

**Фаридуни САФАРАЛӢ**
**донишҷӯи соли 3**



Яке аз масъалаҳое, ки дар Паёми навбатии Президенти кишвар бар-расӣ гардид, масоили сатҳи зинда-гии мардуми мамлакат мебошад. Тавре ки борҳо зикр намуданд, Пешвои миллат ҳадафи олии дав-лат ва Ҳукумати мамлакат мунтазам баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардуми азизамон мебо-шад. Дар ин ҷода, таъсис додани ҷойҳои нави корӣ ва фарогирии пурраи аҳолиро бо шуғл вазифаи аввалиндараҷаи тамоми сохторҳои давлатӣ ва соҳибкорони ватандӯст донистанд.

Дар баробари ин, нуктаи хуберо вобаста ба нақши ҷавонон дар ҷоме-аи имрӯза иброз доштанд: «Ҷавонони Тоҷикистони соҳибистиқлол неруи созандаи Ватан буда, нақши онҳо дар тараққиёти ҳамаи соҳаҳои ҳаёти давлат ва ҷомеа бисёр арзишманд ва назаррас мебошад». Аз ин суха-нони Пешвои миллат, мо ҷавонон илҳоми тоза гирифта, пайрави асили Сарвари давлат будани худро исбот менамоем.

**Саёҳат НАЗАРОВА**
**донишҷӯи соли 2**

Паёмҳои ҳарсолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз пешраф-ту устувории кишвар дар роҳи рас-идан ба ҳадафҳои стратегӣ башорат медиҳад. Аз Паём то Паём дар кишва-ри маҳбубамон чӣ қадар пешрафту созандагиҳо рӯйи кор омадаанд, ки ин шаҳодати зиндагии шоистаи мар-дум аст.



Паёми Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамасола шурӯъ аз қишри осебпазири ҷомеа, аз ҷумла, маъюбону ниёзмандон то баррасии мушкилоти соҳибкорони ватанӣ, саноатикунонии босуръатро дар бар мегирад.

Таҳлилҳо ва рақамҳои дар Паём зикршуда аз он далолат менамо-янд, ки Роҳбари давлат аз вазъи воқеии масоили иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва дурнамои дигар соҳаҳои калидии кишвар комилан иттилоъ дошта, ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳо ва замина гузоштан ба-рои рушди самтҳои муҳим, ки зин-дагии босаодати мардуми кишвар ба онҳо алоқаманд аст, дастурҳои оқилӣ медиҳанд.

**Мирзомурод МУЛЛОЕВ**
**донишҷӯи соли 2**



Чун ҳарвақта, дар Паёми на-вбатии Президенти кишвар вазъи иқтисодию иҷтимоӣ, инчунин, сиё-сати дохилию хориҷии мамлакат муайян карда мешавад. Пешвои миллат, дар Паёми навбатии хеш аз бурдбориҳо ва инчунин, аз муш-килиҳои ҷомеаи муосир сухан кар-данд. Президенти мамлакат дастур доданд, ки музди маоши қишрҳои гуногуни ҷомеа ба миқдори муайян баланд бардошта шавад.

Албатта, мо боварӣ дорем, ки Тоҷикистон бо сарварии Пешвои хирадманди он қадам ба қадам ба самти пеш ҳаракат мекунад.

# МАОРИФ – АСОСИ РУШДИ НЕРУИ ИНСОНӢ

Маориф соҳаи калидии рушди неруи инсонӣ мебошад. Соҳаи мазкур ҳамчун таҳкурсии сиёсати давлатӣ, дар асоси идоракунии дурусти маорифпарварона метавонад омили рушди тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ гардад.

Бо ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ кишвари мо тавонист зери сиёсати хирадмандонаи Сарвари давлат натиҷаҳои назаррасро дар ин самт ба даст орад. Ҷумҳурии Тоҷикистон аз солҳои аввали соҳибистиқлолӣ ба пешрафти илму маориф ҳамчун пойдевори рушду тараққиёти тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа диққати махсус зоҳир намуда, ин равандро пайваста идома медиҳад.

Бо ҳидоятҳои пайвастаи маорифпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам, Эмомалӣ Раҳмон маориф чун соҳаи калидии ҷомеаи кунунии кишвар дар низоми сиёсати иҷтимоии давлат самти асосӣ ба шумор рафта, барои рушди минбаъдаи он пайваста таваҷҷуҳ ва ғамхории хоса зоҳир мегардад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз солҳои аввали соҳибистиқлолӣ то ба имрӯз, натиҷаи фаъолияти давлату Ҳукуматро тавассути Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ироа намуда, натиҷагирӣ ва таҳмолҳои онро мавриди таҳлил қарор додаанд.

Ҳамасола, дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон самтҳои асосии сиёсати дохиливу хориҷии мамлакатро барои солҳои оянда муайян намуда, оиди пешбурди соҳаҳои ҳаётан муҳими мамлакат, аз ҷумла иқтисоди саноат, энергетика, амнияту мудофиа, роҳу нақлиёт, ҳифзи ҳуқуқу тартибот, илму маориф, фарҳанг, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, сиёсати ҷавонон ва варзиш, сайёҳӣ ва ғайраҳо вазифаҳои мушаххас ба миён гузоштанд. Пешвои миллат дар ҳар як Паёми худ ҳамчун санади роҳнамо ва барномаи рушд дар ҳамаи соҳаҳои кишвар, махсусан дар соҳаи маориф нақши муосир ва ҳалкунанда дорад, зеро Пешвои миллат дар ҳар як Паём дастовардҳо ва вазифаҳои муҳим ва зарурияро барои солҳои минбаъдаи соҳаи калидӣ бозгӯӣ менамоянд.

Имсол, низ Президенти мамлакат тавассути назари хирадмандона натиҷа ва дурнамои фаъолияти хешро бо истифодаи салоҳияти конститутсионӣ пешкаши аҳли ҷомеа сохта, бо боварии комил сиёсати ҷоннокгаштаи мамлакатро дар соҳаи маорифи кишвар бо диди оқилона таҳлил намуданд.

Дар даврони соҳибистиқлолии кишвар дар тамоми бахшҳои хоҷагии халқ дигаргунӣ ва пешравиҳои назаррас ба амал омаданд. Аз ҷумла, дар соҳаи маориф пешравиҳои чашмрас ба назар мерасанд. Пешвои миллат қайд намуданд, ки «ғамхорӣ кардан ба илму маориф, яъне ҳалли масъалаҳои дар ин самт чойдошта – сармоягузорӣ ба хотири рушди неруи инсонӣ мебошад».

Тавре ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми имсола таъкид намуданд: «Соли 2022 аз ҳисоби буҷети давлатӣ ба соҳаи маориф 6 миллиарду 304 миллион сомонӣ ҷудо гардидааст, ки нисбат ба соли 2021-ум 707 миллион сомонӣ ё худ 12,6 фоиз зиёд буда, қариб 19 фоизи ҳаҷми умумии хароҷоти буҷетро ташкил медиҳад». Воқеан аз тарафи роҳбарияти олии кишвар барои шароити мусоиди таҳсили хонандагон пайваста чораҳои амалӣ андешида шуда, дар солҳои минбаъда масъалаи сохтмону баркарорсозии иншооти соҳаи маориф яке аз ҳадафҳои асосии сиёсати давлат қарор мегирад. Аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ сол аз сол барои рушди пояи моддию техникии муассисаҳои таълимӣ маблағҳо зиёд гардида истодааст. Ин ҳама ғамхориҳо бесабаб нест, ки роҳбари давлат ба рушди соҳаҳои маориф диққати хоса зоҳир менамоянд. Зеро таҷрибаи мамлакатҳои рушдёфтаи ҷаҳон нишон медиҳад, ки онҳо маҳз бо такя ба маориф ба дараҷаи баланди тараққиёти худ расиданд ва дар муносибатҳои байналхалқӣ мақом ва нақши муассир доранд.

Дар асоси дастуру ҳидоятҳои хирадмандонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам, Эмомалӣ Раҳмон мақоми мактабу маориф, махсусан субъекти асосии пешбарандаи соҳа — омӯзгор боло рафта истодааст. Ин нуктаро Пешвои муаззами миллат чунин қайд намуданд, ки «Мо мактабро ба хайси боргоҳи илму дониш, саводу маърифат ва омӯзгорро чун шахси мафкурасозу тарбиятгари насли наврас эътироф карда, ба онҳо арҷу эҳтиром гузоштанро аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимтарин медонем. Зеро агар мактаб ва омӯзгор набошад, сатҳи маърифатнокии мардум паст мегардад, миллат бесавод мемонад, ҷомеа ба ҷаҳолат гирифтор мешавад ва дар натиҷа оромиву сулҳу субот, амнияту осоиш ва муҳимтар аз ҳама, рушди давлат сахт халалдор мегардад.»

Воқеан, сахми омӯзгорон дар рушди соҳаи маориф бисёр назаррас буда,



**Манучеҳр СУЛАЙМОНЗОДА**
**дотсенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ**

хизмати содиқонаву пурмасъулияти онҳо дар тарбияи кадрҳоиояндасози миллат, пешрафти соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ва дар умум ба рушди устувори кишвар ва боло рафтани эътибори Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ мусоидат менамояд.

Дар баробари ин ҳама ғамхориӣ имрӯз дар назди мо омӯзгорон дар самти тарбияи насли наврас ва ҷавон вазифаҳои пурмасъулият меистад, ки иҷрои он аз як ҷониб бисёр пурмашаққат буда, аз тарафи дигар, кори арзишманд ва пуршараф мебошад. Иҷрои ин рисолат аз ҳар омӯзгор ҷонфидоиву садоқат, самимияту масъулиятшиносӣ ва кӯшишу ғайрати дучандро талаб менамояд.

Ҳамчунин, Пешвои миллат таъкид намуданд, ки «Маҳз ба ҳамин хотир, мо дар сиёсати иҷтимоии давлату Ҳукумат рушди бонизоми соҳаи маориф, мақому манзалати омӯзгор ва фароҳам овардани шароити мусоиду беҳтарро барои насли наврасону ҷавонон яке аз самтҳои афзалиятнок дониста, барои рушди ин соҳаи муҳимми низоми иҷтимоӣ ҳамаи чораҳои заруриро роҳандозӣ карда истодаем. Мақсад аз амалӣ сохтани тамоми иқдомот дар самти рушди илму маориф баланд бардоштани сатҳи саводнокиву маърифатнокии миллат, мунтазам беҳтар гардонидани сатҳу сифати таълим ва тарбияи кадрҳои ба талаботи замона ҷавобгӯй мебошад».

Маориф ниҳоди муқаддас, таҳкурсии асосии давлат ва ҷамъият ба шумор рафта, суннатҳои миллиро пойдор нигоҳ медорад ва беҳтарин арзишҳои инсонӣ, аз қабили муҳаббату садоқат, самимияту вафодорӣ ва ҳамдигарфаҳмиву таҳаммулгароиро ташаккул медиҳад ва дар ҳама давру замонҳо илму маориф шахсро бо додани одобу ахлоқ ба қуллаҳои баланди илму маърифат расонида, нақши муассири худро дар ҳаёти ҷомеа ва давлат мегузорад. Аз ин рӯ, маорифро ибтидо ва дурнамои ҷомеа номидан мумкин аст, ки пояи адаби инсонӣ аз он маншаъ мегирад. Зеро мактаб наврустаеро чун ниҳоли пурмева ба воя расонида, соҳибхирад мегардонад ва адабро бо дониш ҳамоҳанг сохта, пояи илму маърифат, сиришти маънавию фитрӣ ва ҳувияти милливу таърихии миллат устувор мегардонад. Ба ибораи дигар, агар чароғи равшанидиҳандаи оила падару модар бошад, дурахши нури илму зиё бар дӯши маориф аст. Он фарзанде, ки аз анвори ҳар ду даргоҳи муқаддас баҳра мебардорад, соҳибхираду соҳибмартаба мегардад. Ва маънавияти волои халқро поягузорӣ менамояд. Омӯзгор нури маърифатест, ки одамиро аз ҷаҳолат ба сӯи дурахшонтарин орзуву ҳавасҳо ва комёбиҳо ҳидоят мекунад, ва барои ноил гардидан ба орзуву ҳавасҳо тарбия медиҳанд.

Президенти мамлакат пайваста таъкид менамоянд, ки фарзандони мо бояд илму дониш омӯзанд, соҳиби касбу ҳунар шаванд, чунки зиндагии осудаву фаъолияти самаранокии онҳо дар оянда аз сулҳу оромии кишвар ва суботи сиёсии ҷомеа вобастагии зиёд дорад. Тавассути санадҳои расмии аз ҷониби Сарвари давлат баимзорасида, аъзои Ҳукумат, роҳбарони кумитаҳо, ҳадамоту агентиҳо, дигар сохтору мақомоти давлатӣ ва ташкилоту муассисаҳо, сарфи назар аз шакли моликияти онҳо вазифадор гардидаанд, ки дар тамоми шаҳру ноҳияҳо, махсусан дар деҳаҳои дурдаст барои бунёди иншооти соҳаи маориф якҷо бо соҳибкорону тоҷирон ва сокинони маҳалҳо тадбирҳои мушаххас андешанд. Сарвари оқилу фарзонаи тоҷикон дар фаъолияти минбаъдаи худ барои рушди низоми таълиму тарбия ва ба стандартҳои ҷаҳонӣ мутобиқ намудани он аз роҳу равишҳои гуногун ва муассир истифода намудаанд. Паём ҳамчун як дастури раҳнамо мисли солҳои пешин метавонад дар рушди минбаъдаи соҳаи маориф ва ба баланд бардоштани мақоми омӯзгор мусоидат намуда, барои ҳар як субъекти раванди таълиму тарбия барномаи мукамали солонааш бошад, то бо ҳидоят ва пешниҳоду шароити мусоиди ба роҳ мондаи Президенти кишварамон, муҳтарам, Эмомалӣ Раҳмон бо мақсадҳои нек қадам сӯи фардои дурахшони ватанамон монда бошем.

## ХУШХАБАР





Факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ҳамчун даргоҳи илму маърифат, натанҳо дар омода намудани мутахассисони соҳибтаҷриба, балки олимону муҳаққиқони соҳа нақши муасирро соҳиб аст. Расидан ба ин комёбиҳо аз талошҳои пайвастаи Раёсати Донишгоҳ ва садорати факултет вобастагии амиқ дорад, ки дар пайравӣ аз сиёсати пешгирифтаи Сарвари давлат дар соҳаи илм бармеоянд.

Дар ҳамин замина, бо дастгирии ректори ДМТ, садорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ дар факултет ду Шурои диссертатсионӣ – 6D.KOA-018 ва 6D.KOA-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои ҳимояи рисолаҳои илмӣ амал мекунад.

Мавҷудияти шуроҳои мазкур дар пешбурди илми Тоҷикистони соҳибистиқлол сахми арзанда дошта, барои зиёд гардидани сафи олмони ватанӣ кумак мерасонанд. Бинобар ин, давра ба давра, сохтори шуроҳои зикршуда мукаммалтар мегардад, то ки сифати навиштани рисолаҳои илмӣ низ беҳтар шавад.

Ҳамин тавр, дар асоси Қарори Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз шурои номзадӣ ба шурои докторӣ табдил дода шуд. Яъне, минбаъд, дар шурои мазкур рисолаҳои докторӣ мавриди ҳимоя қарор мегиранд.

Итминони комил дорем, ки шуроҳои диссертатсионии номбаргардида, дар амалисозии сиёсати давлат дар соҳаи илм нақши сазовор гузошта, барои забони илм гардидани забони давлатӣ ва тайёр намудани донишмандони соҳаи илм саҳми арзанда мегузоранд.

# ТАШАББУСҲОИ СОЗАНДАИ СОҲИБКОРОН

## (Дар ҳошияи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон)



**Исмоил ШАРИФЗОДА**
**дотсенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат**

Дар замони Истиқлоли давлатӣ анъанаи хубе, ки ба низоми давлатдории кишвари мо ворид гардид ва заминагузори рушди минбаъдаи тамоми соҳаҳои ҳаёти халқи кишварамон мегардад, ин бо Паёми ҳарсолаи худ баромад намудани Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии кишвар мебошад. Он дар худ тамоми самтҳои асосии рушди минбаъдаи давлатамонро мустаҳкам намуда, роҳнамои пешравии соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ мегардад.

Таҷриба нишон медиҳад, ки воқеан, Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ тамоми бахшҳои ҳаёти ҷамъиятиро фаро гирифта, барои рушди устувори иқтисодиёт, баландшавии сатҳи иҷтимоӣ, вусъат ёфтани маърифатнокии аҳли ҷомеа нақши бениҳоят муҳим бозиданд. Инчунин, фаромӯш набояд сохт, ки сатҳи кунунии вазъияти муътадили сиёсӣ, иқтисодиёти пешрафта, низоми ҳуқуқии устувор, фарҳанги ғании тарғибгари сулҳу ваҳдати мо аз натиҷаи татбиқи дастур ва ҳидоятҳоест, ки ҳамасола роҳҳои амалишавии онҳо дар Паёмҳои Пешвои миллатамон садо медоданд.

Чуноне ки дар боло иброз намудем, Паёми мазкур фарогирандаи тамоми самтҳои инкишофи минбаъдаи давлатамон мебошад. Яке самтҳои афзалиятнок, ин соҳаи иқтисодии кишвар мебошад, ки пешравии он омили муҳимми болоравии сатҳи зиндагии аҳолӣ гашта, камбизоатии аҳолиро мекоҳонад. Аз мазмуни ин Паём бармеояд, ки рушди минбаъдаи иқтисодиёти кишварамонро бе дастгирии бахши хусусӣ, аз он ҷумла фаъолияти соҳибкорӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст.

Вобаста ба ин масъала, Пешвои миллат қайд намуданд, ки: «Дар доираи сиёсати пешгирифтаи давлату Ҳукумат доир ба дастгирии фаъолияти соҳибкориву сармоягузорӣ дар замони соҳибистиқлолӣ тадбирҳои зарурӣ амалӣ гардида, дар ин самт барои соҳибкорон имтиёзу сабукиҳои зиёд ҷорӣ карда шуданд. То имрӯз ба онҳо беш аз 120 намуди имтиёзу сабукиҳои андозиву гумрукӣ пешниҳод шуда, шумораи сохторҳои бақайдгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ аз 4 ба 1 кам гардида, хизматрасонӣ дар ин самт ба таври ройгон ба роҳ монда шудааст. Дар натиҷа соли 2022 шумораи субъектҳои соҳибкорӣ ба 339 ҳазор расид, ки нисбат ба соли 2018 беш аз 76 ҳазор зиёд мебошад».

Дилпурона, аз таҳлили вазъи ҳозира ва рушди бахши хусусӣ, аз ҷумла дастгирии бахши соҳибкорию сармоягузорӣ ва муҳайё намудани шароити зарурӣ ҷиҳати рушди минбаъдаи дурнамои иқтисодиёт қайд кардани Пешвои миллат дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олӣ бесабаб набуд. Чунки амалияи пешрафтаи иқтисодиёти мамлакатҳои тараққикардаи ҷаҳон шаҳодат аз он медиҳанд, ки аз муваффақиятҳои соҳибкорон муваффақиятҳои давлат вобаста аст. Аз ин рӯ, Ҳукумати мамлакатамон рушди соҳибкорӣ ва мусоидати ҳамаҷониба ба фаъолияти онро аз ҷумлаи вазифаҳои аввалиндараҷаи худ қарор додааст, зеро соҳибкории хурду миёна, хусусан соҳибкории истеҳсолӣ яке аз омилҳои муҳимми баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардуми кишвар ва заминаи боэътимоди таъмини рушди босуботи иқтисодиёти миллӣ, афзун намудани табақаи миёнаҳол ва ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ мебошад.

Аз нишондодҳое, ки Пешвои миллатамон дар Паёмашон қайд карданд, имрӯзҳо рӯ овардан ба бахши хусусӣ, аз ҷумла машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ қисмати зиёди аҳолиро ба худ ҷалб намудааст ва дар тӯли панҷ соли охир 76 ҳазор нафар зиёд гардидааст, ки онҳо бо кори доимӣ таъмин гардидаанд. Заминаҳои зарурии рушди ин соҳаи хоҷагии халқ ва ҷалб намудани қисмати зиёди аҳолӣ ба он, ин пеш аз ҳама, дар сатҳи конститутсионӣ дарҷ гардидани кафолати фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ ва гуногуншаклии моликият, аз ҷумла, моликияти хусусӣ, таъмини фазои мусоидати ҳуқуқӣ ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои онҳо ва мустаҳкам гардидани имтиёзҳои фароҳами давлат баҳри дастгирии рушди соҳибкорӣ мебошад.

Нуқтаи муҳимми дигаре, ки дар Паёми Пешвои миллат ироа гардид, ин диққати ҳамаҷониба додан ба дастгирӣ ва қадргардонии ташаббусҳои созандаи соҳибкорон ва сармоягузон мебошад, ки дар ин бобат сарвари давлат қайд намуданд: «Ҳукумати мамлакат вазифадор аст, ки ҷиҳати боз ҳам беҳтар намудани фазои сармоягузориву соҳибкорӣ, махсусан, сармоягузории мустақим, таъмин намудани иҷрои кафолату имтиёзҳо ва чораҳои дастгирии давлатӣ, ҳавасмандгардонӣ ва қадрдонии соҳибкорон, инчунин, рушди инфрасохтори сармоягузориву соҳибкорӣ тадбирҳои иловагиро роҳандозӣ намояд. Дар ин самт, пешниҳод менамоям, ки бо мақсади идома додани ислоҳоти соҳа ва танзими муносибатҳои иҷозатдиҳӣ ва иҷозатномадиҳӣ қонунгузории соҳа такмил дода шуда, муносибатҳои зикршуда дар доираи як санади меъёрии ҳуқуқӣ танзим ва шумораи онҳо то 60 фоиз ихтисор карда шавад».

Бояд қайд намуд, ки имрӯз дар сиёсати иқтисодии давлат дастгирии ҳаматарафаи соҳибкорон ба инобат гирифта шуда, аз лиҳози ҳуқуқӣ чунин фазои озодеро муҳайё сохтааст, ки ҳар як фарди хоҳишманди баамалбарорандаи ин фаъолият имконияти озодона ташкилу амалӣ намудани онро дорад.

Бо дастгирӣ ба гуфтаҳои боло, қадр кардани ташаббусҳои созандаи соҳибкорон ва сармоягузорон, ба хотири заҳматҳои кашидаи онҳо дар роҳи ободии Ватан ҳамчун нишонаи дастгирии фаъолияти содиқонаву софдилонаи онҳо бо пешниҳоди Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон роҳбарони вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вазифадор гардиданд, ки ташаббусҳои созандаи соҳибкорону сармоягузоронро ҳамаҷониба дастгирӣ намоянд ва доир ба ҳалли масъалаҳои вобаста ба фаъолияти онҳо ва бартараф кардани мушкилоту монеаҳои ҷойдошта тадбирҳои бетаъхирро андешанд.

# ДАСТГИРИИ СОҲИБКОРӢ ВА САРМОЯГУЗОРӢ

## (Дар партави Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон)



**Одилбек МАВЛОНАЗАРОВ**
**дотсенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат**

Санаи 23 декабри соли 2022 Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақоми олии қонунгузории кишвар Маҷлиси Олӣ оид ба самтҳои асосии сиёсати дохиливу хориҷии мамлакат ироа гардид.

Пешвои муаззами миллат дар рафти Паём дар бораи соҳаҳои энергетика, маориф, фарҳанг, тандурустӣ, кишоварзӣ ва саноати вазнину сабук сухан ронданд. Ҳамчунин, диққати махсус ба фаъолияти соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ дода шуд.

Бахусус, Пешвои муаззами миллат таъкид доштанд, ки дар доираи сиёсати пешгирифтаи давлату Ҳукумат доир ба дастгирии фаъолияти соҳибкориву сармоягузорӣ дар замони соҳибистиқлолӣ тадбирҳои зарурӣ амалӣ гардида, дар ин самт, барои соҳибкорон имтиёзу сабукиҳои зиёд ҷорӣ карда шуданд. Яъне дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар ҶТ ин тадбирҳои дарозмуддат аст, ки аз ҷониби Ҳукумати ҶТ бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид барои ба роҳ мондани фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ, ҳамчун яке аз омилҳои асосии ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии кишвар бо роҳи таъмини шуғл ва баланд бардоштани сатҳи воқеии некӯаҳволии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул ва татбиқ карда мешавад.

Ҳамчунин, барои дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул гардиданд. Асосҳои ҳуқуқии фаъолияти соҳибкориву сармоягузориро дар ҶТ санадҳои зерин танзим медиҳанд: Қонунҳои ҶТ «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар ҶТ», «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намуҳои фаъолият», «Дар бораи санҷишҳои фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар ҶТ», «Дар бораи мораторияи санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкории хурду миёна дар ҶТ», «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» ва ғайраҳо.

Пешвои муаззами миллат пешниҳод намуданд, ки бо мақсади идома додани ислоҳоти соҳа ва танзими муносибатҳои иҷозатдиҳӣ ва иҷозатномадиҳӣ қонунгузории соҳа такмил дода шуда, муносибатҳои зикршуда дар доираи як санади меъёрии ҳуқуқӣ танзим ва шумораи онҳо то 60 фоиз ихтисор карда шавад. Ҳамчунин, Пешвои муаззами миллат таъкид доштанд, ки дар тайи бист соли охир ба кишвар беш аз 152 миллиард сомонӣ сармояи хориҷӣ, аз ҷумла 60 миллиард сомонӣ сармояи мустақим ҷалб карда шудааст. Аз маблағи зикршудаи сармояи мустақим зиёда аз 36 миллиард сомонии он танҳо барои рушди соҳаи саноат ҷалб гардидааст. Дар панҷ соли охир ба соҳаҳои мухталифи иқтисоди миллӣ беш аз 15 миллиард сомонӣ сармояи мустақими хориҷӣ ҷалб карда шудааст, вале ин нишондиҳанда ҳанӯз ба талаботи рушди иқтисодиёт ҷавобгӯй нест. То соли 2025 дар кишвар татбиқи беш аз 200 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ пешбинӣ гардида, танҳо ба бахши воқеӣ ва инфрасохтор зиёда аз 82 миллиард сомонӣ сармоягузорӣ карда мешавад.

Дар шароити таҳаввулоти босуръату пешгӯинашавандаи иқтисоди ҷаҳонӣ, рақобатҳои шадид барои дастрасӣ ба захираҳо ва пайомадҳои тағйирёбии иқлим бояд дар кишвар тамоми воситаҳои муосири фаъолгардонии сармоягузорӣ ба таври васеъ истифода бурда шаванд. Аз ин лиҳоз, механизми маблағгузории фондҳои махсус дар самти татбиқи «лоиҳаҳои сабз», хусусан, барои роҳандозии барномаву лоиҳаҳои мақсадноки рушди «иқтисоди сабз», аз ҷумла «энергияи сабз» бояд васеъ ҷорӣ карда шавад.

Бояд таъкид намоем, ки Паёми ироагардидаи Пешвои муаззами миллат ба рушди соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, соҳибкорӣ, сармоягузорӣ, тандурустӣ, маориф такони нав бахшида, бунёди ҷойҳои нави корӣ ва беҳдошти зиндагии аҳолӣ мусоидат менамояд.

# ГУСТАРИШИ СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ ҶАВОНОН

## (Бардошт аз Паёми Пешвои миллат)



Дар шароити рушди давлатдории миллӣ ва таҳкими пояҳои давлатдорӣ яке аз масъалаҳои асосӣ барои дилхоҳ давлатҳо масъалаи сиёсати давлатии ҷавонон ба ҳисоб меравад, зеро барои давлатҳо дар вазъи кунунии ҷаҳон бисёр муҳим аст, ки омилҳои заминасози Истиқлоли давлатии худро тақвият бахшанд ва имконоти мавҷудаи табиӣ ва инсониро барои рушди он фаррох истифода намоянд.

Сиёсати имрӯзаи байналмилалӣ як силсила ибратҳои гуногунро барои мо муаррифӣ мекунад, ки сиёсатмадорони ҷаҳон барои амалӣ намудани ташаббусҳои худ ё ҳифзи дастоварди мавҷуда иқдомоти гуногунро рӯи даст мегиранд ва он пеш аз ҳама барои тақвияти иқтидори давлатӣ ва неруи инсонӣ равона карда шудааст.

Аз ин рӯ, ба афзалияти стратегӣ он давлат ё ҷомеае ноил мегардад, ки аз неруи инсонӣ, дар навбати аввал неруи созандаи рушд, ки заминагузори он ҷавонон мебошанд, самаранок истифода барад.



Баҳодур НЕГМАТОВ
ассистенти кафедраи ҳуқуқи судӣ
ва назорати прокурорӣ



Исломҷон ЗИЁВАДДИНОВ
ассистенти кафедраи ҳуқуқи судӣ
ва назорати прокурорӣ

Тоҷикистон аз раванди глобалии сиёсӣ ва иқтисодӣ дар канор буда наметавонад. Вазифаи таъмини пешрафти Тоҷикистон бо мақсади ноил шудан ба рақобатпазирии миллии кишвар дар раванди ҷаҳонии глобализатсионӣ, ҳамгироӣ, баланд бардоштани нақш ва эътибори кишвар дар арсаи ҷаҳон рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ ва амнияти миллиро тақозо менамояд.

Дар чунин вазъ бояд мавқеи кишвар дар соҳаи сиёсати дохилӣ, тақсими ҷаҳонии меҳнат, илми ҷаҳонӣ, фарҳанг ва технология, фароҳам овардани шароит барои рушд ва татбиқи имконияти шахсӣ, кафолати ҳуқуқ ва манфиатҳои инсон, баланд бардоштани сифат ва сатҳи зиндагии аҳолӣ, самарабахшии идоракунии давлатӣ, таъмини сатҳи зарурии қобилияти мудофиавии кишвар таҳким ёбад. Ҳалли самарабахши ин вазифаҳои дурнамо бе иштироки ҷавонон дар ин раванд имконнопазир аст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари касб намудани Истиқлоли давлатӣ тахти сиёсати хирадмандона ва дурбинонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳамаи бахшҳои ҳаёти хоҷагии халқ ислоҳотҳои азимеро роҳандозӣ намуд. Дар раванди чунин ислоҳотҳо муайян намудани ҳаҷми муносибат бо ҷавонон тақозои замони муосир махсуб меёфт.

Новобаста аз вазъияти сиёсии солҳои аввали соҳибистиқлолии кишвар Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар меҳвари сиёсати давлатдории худ ба масъалаи ҷавонон таваҷҷуҳи асосиро равона намуда, ҷавононро такягоҳи асосии давлату миллат эълон доштанд ва яке аз омилҳои асосӣ дар баробари дигар арзишҳо ба рушду тақвият бахшидан ба неруи захираҳои инсонӣ – ба ҷавонон мароқи бештар зоҳир намуда, сиёсати давлатии ҷавононро яке аз самтҳои афзалиятноки давлату ҳукумат арзёбӣ намуданд.

Ғояи асосии сиёсатии давлатии ҷавонон ва амалишавии вокеии он дар ҷомеа аз дастгириву ҳидоятҳои бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маншаъ мегирад. Зеро Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ин кишри ояндасоз ҷавонон ва ба неруи бунёдкору созандаи онҳо пайваста такя менамоянд ва нисбат ба онҳо эътибори ҷиддӣ медиҳанд.

Дар ин муддати се даҳсола вобаста ба ҳифзи ҳуқуқҳои ҷавонон, ҷиҳати ҳалли масъалаҳои муҳими ҳаётии онҳо, инчунин татбиқи босамари сиёсати давлатии ҷавонон як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва барномаҳои давлатӣ қабул карда шудааст, ки ҳамаи онҳо бо мақсади хубу беҳтар намудани вазъи иҷтимоиву иқтисодии онҳо нигаронида шудаанд. Чунончӣ, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» аз 15.07.2004, №52, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» аз 02.08.2011, № 762, «Барномаи миллии ҷавонони Тоҷикистон», «Барномаи рушди саломатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Барномаи давлатии тарбияи ватанпарастии ҷавонони Тоҷикистон» (бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 04.10.2011, тахти №480), «Консепсияи миллии сиёсати ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3.06.2014, тахти №228), «Консепсияи сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» (бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.12.2008, тахти №582), «Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2018», «Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон то соли 2020» ва як қатор иқдомотҳои дигаре мебошад, ки онҳо метавонанд барои амалишавии сиёсати давлатии ҷавонон мусоидат намоянд.

Зимни ироаи Паёми имсолаи худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бори дигар ба масъалаи ҷавонон истода гузаштанд ва бо ифтихор чунин иброз намуданд, ки ҷавонони Тоҷикистони соҳибистиқлол неруи созандаи Ватан буда, нақши онҳо дар тараққиёти ҳамаи соҳаҳои ҳаёти давлат ва ҷомеа бисёр арзишманд ва назаррас мебошад. Дар назди мо ҷавонон як қатор масъалаҳоро пеш гузоштанд, ки аз мо масъулияти баланди шаҳрвандӣ ва содиқу вафодор будан ба ин сарзамини аҷдодиро тақозо менамояд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бунёди ҷомеаи ҳуқуқбунёд, демократӣ, иҷтимоӣ ва адолатпарварро пеша намудааст, вазифаи асосии ҷавонони мо дар он аст, ки дар самти бунёди ҷомеаи ҳуқуқбунёду демократӣ ва шаҳрвандӣ пайваста ҷиду ҷаҳд намоем.

Эъмори ҷомеаи демократии ба иқтисодиёти иҷтимоӣ нигаронидашуда бе рушди ахлоқию маънавии насли ҷавони Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар онҳо ташаккул додани сифатҳои ватанпарастӣ, кордонӣ ва масъулият, аз ҷониби онҳо андӯхтани таҷрибаи иҷтимоию фарҳангии насли гузашта ва дастовардҳои тамаддуни ҷаҳонӣ имконнопазир аст. Дар амал татбиқ намудани ин мақсадҳо ҷалби фаъолонаи ҷавононро барои иштироки мустақим дар ташаккул ва татбиқи сиёсати марбут ба ҷавонон тақозо менамояд.

Аз ин рӯ, вазифаи асосии мо омӯзгорон ин пеш аз ҳама, аз дуруст тарбия намудани насли наврас дар руҳияи дӯст доштани Ватани аҷдодӣ, ҳисси худшиносиву худогоҳии миллӣ, дар роҳи эмин будан аз ҳар гуна амалҳои барои фарҳангу мазҳаби мо бегона, ба монандӣ тақлидкорӣ ба фарҳанги ғайр, ки хоси фарҳанги миллии мо нестанд, хурофотпарастиву ифродгарогӣ, гаравиш ба ҳар гуна ҳизбу ҳаракатҳои тундрав, терроризму экстримистӣ таълиму тарбия намоем.

Ҷавонони саодатманди моро месазад, ки аз ғамхориҳои рӯзафзуни Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва роҳбарияти олии кишвар изҳори қаноатмандӣ намуда, дар назди давлату миллат рисолати шаҳрвандии худро сарбаландона иҷро намоянд ва сазовори бовариву эътимоди Пешвои миллат гардида, баҳри ободу зебо ватани аҷдодӣ, ҳифзи манфиатҳои давлату миллат дар арсаи байналмилалӣ чун аз ҳарвақта дида бештар мароқ зоҳир намоянд ва зиракии сиёсии худро аз даст надода, фарзандони содиқи ин ватан ва пайравони асили Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон гардида бошем.

Мо ҷавонони саодатманди диёри ин сарзамини аҷдодӣ дар атрофи сиёсати бобарор ва бомароми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон содиқ буда, бовар мекунонем, ки мо дар ҳар лаҳзаву ҳар сонияи баҳри ҳифзу ҳимояи манфиатҳои ватани хеш ҷоннисорӣ намуда, фарзандони содиқи ин сарзамин хоҳем монд.

# ҲИФЗИ ҲУҚУҚИ ИНСОН АЗ ПАДИДАЕ ЧУН ИФРОТГАРОӢ

Дар замони муосир ифротгароӣ (экстремизм) дар баробари терроризм яке аз падидаҳои манфур ва чудоихоҳ дар ҷомеа ба ҳисоб рафта, ба амнияти ҷамъияту давлат хатари воқеӣ ба бор меоварад. аз ин рӯ, дар замони муосир зарурат ба миён омадааст, ки барои пешгирӣ ва мубориза бар зидди ин падидаи номатлуб ва решадавонда дар ҷомеа ҳамкории дастаҷамъонаи тамоми мамолики сайёра ба роҳ монда шавад. Вобаста ба ин масъала, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз суханрониҳои хеш доир ба масоили мазкур қайд намудаанд: “Мубориза бо терроризм ва экстремизм, фароҳам овардани фазои боварӣ, эҳтиром ба манфиатҳои ҳамдигар ва муттаҳид шудани ҳамаи кишварҳои дунёро пешорӯи ин хатари умумӣ тақозо менамояд”.

Бинобар ин, дар самти муқовимат бо экстремизм дар кишвар мо заминаҳои ҳуқуқии мукаммал мавҷуд мебошад. Асоси ҳуқуқии муқовимат бар зидди ин зуҳуроти номатлуб пеш аз ҳама, Конститутсияи ҶТ, Кодекси ҷиноятии ҶТ, Қонуни ҶТ «Дар бораи муқовимат бо экстремизм» аз 02.01.2020, таҳти №1655 ва дигар санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи ҶТ баромад мекунанд.

Аз таҳлили вазъи кунунӣ ва фазои ҷаҳонӣ дар самти пешгирии экстремизм бармеояд, ки чунин чораҳо андешидан айни муддао аст:




1. Пай дар пай гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ (лексияҳо, семинарҳо) аз ҷониби кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба хонандагон ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва олии касбӣ;

2. Ҳангоми истифодаи сомонаҳои интернетӣ аз ҷониби наврасон назорати волидайн қатъӣ ба роҳ монда шавад, то ин ки аз сомонаҳои муфид истифода баранд.

3. Дар байни шаҳрвандон барпо намудани маҷлисҳо аз ҷониби маъмурияти шаҳру ноҳияҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бо мақсади тарбияи онҳо дар рӯҳияи худшиносии миллӣ;

4. Манъ намудани фурӯши филмҳои хусусияти зӯроварӣ ва ғайриахлоқидошта;

5. Ташкил ва гузаронидани озмунҳои минтақавию ҷумҳуриявӣ дар байни ҷавонон ва ба ин восита, барангехтани шуълаи илму дониш дар вуҷуди онҳо, ки боиси баланд шудани худшиносии миллӣ ва дур нигоҳ доштани онҳо аз гуруҳҳои ифротӣ мегардад;

Ҳамаи ин чораҳое, ки дар боло зикр гардиданд, барои пешгирӣ ва мубориза бо экстремизм ва пойдории амният дар давлат аҳамияти ниҳоят муҳим дошта, моро аз ҳар гуна хатарҳои хусусияти террористию экстремистӣ дошта эмин нигоҳ медорад.

Дар охир, қайд кардан ба маврид аст, ки вазифаи асосии мо насли наврас ҳамчун қисми таркибии ҷомеа дар шароити ба вуҷуд чунин падидаву зуҳуротҳои номатлуб ва манфур дар ҷомеа ба монанди терроризм ва экстремизм, ки ба тамоми муносибатҳои ҳаёти ҷамъиятӣ хатари воқеӣ ба бор



Раҳимӣ ШОДИБОЙ
донишҷӯи соли 2

меоваранд, ин пеш аз ҳама, баланд бардоштани ҳисси худшиносии миллӣ ва сулҳофарӣ, ватандӯстӣ ва меҳанпарастӣ, ба ҳисоб меравад. Мо ҷавонони боҳушу боидроки тоҷик пайваста кӯшиш ба харҷ медиҳем, ки пайгири роҳи тайкарда ва ҷонибдори ақидаву гуфтаҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти муқовимат бо терроризм ва экстремизм бошем, ҳамеша кӯшиш мекунем, ки дар ҳамаи муносибатҳо, чи дар муносибатҳои сиёсӣ ва чи дар дигар муносибатҳои ҷамъиятӣ зиракии сиёсиро аз даст надиҳем ва нагузорем, ки бадхоҳони сулҳу озодӣ ба мафкураамон таъсири манфӣ расонанд.

# ҲИФЗИ ҲУҚУҚИ ИНСОН БА САЛОМАТӢ

Саломатии инсон сарчашмаи асосии муваффақиятҳои ӯ маҳсуб меёбад. Маҳз инсоне, ки саломат аст, имконияти ба таври дуруст анҷом додани ҳама гуна фаъолиятро доро мебошад. Бурду бохти инсон дар зиндагӣ аз саломатии ӯ вобастагии зиёд дорад. Бинобар ин муҳимияти хоси худ, Конститутсияи ҶТ ҳуқуқ ба саломатии инсонро арзиши олӣ эътироф карда, амалишавии онро кафолат додааст. Аз ҷумла, дар моддаи 38 санади мазкур муқаррар мегардад, ки ҳар шахс ҳуқуқи ҳифзи саломатӣ дорад. Шахс дар доираи муқаррарнамудаи қонун аз ёрии тиббии ройгон дар муассисаҳои нигаҳдории тандурустии давлатӣ истифода менамояд. Ҳамчунин, мутобиқи Эъломияи умуми ҳуқуқи башар ҳар як инсон ба ҳаёт, озодӣ, дахлнопазирии шахӣ ва ба кумаки тиббӣ ҳақ дорад.

Яке аз бемориҳое, ки инсон он гирифтор шуда, дар чорроҳаи зиндагӣ муаллақ мемонад, бемории ВИЧ ё вируси норасоии масъунияти бадан мебошад. Зеро, баъзан инсон дар мубтало гардиданаш ба ин бемор худ гунаҳгор аст, аммо, дар дигар ҳолатҳо дар мубтало гардидан ба ин ориза, шахс гунаҳгор нест. Дар сурати гирифтор шудан, баъзан аз мурочиат ба муассисаҳои ҳифзи саломатӣ худдорӣ намуда, ки ин боиси ба миён омадани оқибатҳои вазнин мегардад.

Аз ин лиҳоз, дар ҳама гуна шароит ва вазъият қонунгузории ҶТ ҳифзи саломатиро кафолат дода, кормандони ниҳодҳои ҳифзи саломатиро вазифадор мекунад, ки сирри тиббиро нигоҳ дошта, дар ҳеҷ ваҷҳ ба ошкор кардани маълумоти махфии беморон роҳ надиҳанд.

Бояд қайд намуд, ки барои беҳтар кардани қонунгузории мамлакат дар кишвар соли 2017 Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид, ки дар моддаи 1 он мафҳуми махфият пешбинӣ гардидааст. Махфият – маҳрамияти нигоҳ доштани далели ба муассисаи тиббӣ ташриф овардан, вазъи саломатӣ ва маълумоти дар бораи шахсият гирифташуда мебошад. Мафҳуми мазкур маҳз ба гирифторони бемориҳои вируси норасои масунияти одам дахл дорад.

Аз ин рӯ, бояд ҳар корманди тиб дар асоси савганди ёднамудааш фаъолият карда, содиқона, барои манфиатҳои давлату миллат хизмат намуда, нақши худро дар беҳтаргардонии саломатии аҳолии мамлакат гузоранд.



Амирҷон ИНОМОВ
донишҷӯи соли 3

# ҚОНУНҲОИ АҶИБТАРИН ДАР ҶАҲОН

1. Донишҷӯе, ки аз 1 то 15 маротиба, дар имтиҳонҳо фиреб мекунад, зиндонӣ мешавад **(Бангладеш)**

2. Ба ашхоси то 18 сола нушидани пепсӣ манъ аст **(Норвегия)**

3. Агар 27 сол дошта боши ва дар ҷое кор накарда боши, бояд оҷил ба хизмати ҳарбӣ рави **(Кореяи Шимолӣ)**

4. Харидани мошини амрикоӣ мамнуъ аст ва барои он зиндонӣ мешавед **(Кореяи Шимолӣ)**

5. Шаҳодатномаи ронандагиро аз синни 14 - солаги гирифтан мумкин аст **(Олмон)**

6. Тамошои футбол, баскетбол ва филмҳо манъ аст **(Бирма)**

7. Дар ҷойҳои ҷамъиятӣ гиря кардан манъ аст **(Колумбия)**

8. Дар макотибҳои олӣ ва миёна имтиҳони ниҳоӣ (имтиҳони хатм) вуҷуд надорад **(Шветсия)**

9. Шахсоне, ки дар роҳ сигнал медиҳанд ва ё ба телефони мобили гап мезананд, қонун шикани дониста мешавад **(Дания)**

10. Вазни зиёдатӣ ҷиноятест, ки тибқи қонун ҷазо дода мешавад **(Ҷопон)**

11. Вақте ки ба одами бегона табассум мекуни зиндони мешавӣ **(Венесуэла)**

12. Мактабҳо ҳамагӣ 5 соат кор мекунанд, Шумо метавонед ҳар вақт мактабро тарк кунед **(Хорватия)**

13. Шумо мушро кушта наметавонед, агар аз ҳукумат иҷозат напурсед **(Ҳиндустон)**

14. Истифодаи интернет манъ аст, ба истисноии гирифтани иҷозат аз тамоми вазоратхонаҳо **(Кореяи Шимолӣ).**

15. Тамошои телевизор баъд аз соати 12 шаб манъ аст **(Камерун)**

16. Кушодани телефони мобилии шавҳар беиҷозати шавҳар ҷиноят аст **(Монтана).**

17. Ҳангоми рондани мошин нӯшидани ҳар гуна моеъ, ҳатто об манъ аст **(Юнон)**

18. Ҳамсари Шумо метавонад номи шуморо иваз кунад, Шумо ба он эътироз карда наметавонед **(Нидерландия)**

19. Зан метавонад дар ҳар вақт аз суд хоҳиш намояд, ки бо гузоштани «дастгоҳи пайгирӣ ба пои шавҳар» аз ҷойи будубоши шавҳараш хабардор шуда истад **(Африқои Ҷанубӣ)**

**Таҳияи Азимҷон ҶУРАЕВ**




### ЯНВАР

| ДШ | СШ | ЧШ | ПШ | ЧМ | ШБ | ЯК |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | 1 |
| 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 |
| 9 | 10 | 11 | 12 | 13 | 14 | 15 |
| 16 | 17 | 18 | 19 | 20 | 21 | 22 |
| 23 | 24 | 25 | 26 | 27 | 28 | 29 |
| 30 | 31 | | | | | |

### ФЕВРАЛ

| ДШ | СШ | ЧШ | ПШ | ЧМ | ШБ | ЯК |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
| 6 | 7 | 8 | 9 | 10 | 11 | 12 |
| 13 | 14 | 15 | 16 | 17 | 18 | 19 |
| 20 | 21 | 22 | 23 | 24 | 25 | 26 |
| 27 | 28 | | | | | |

### МАРТ

| ДШ | СШ | ЧШ | ПШ | ЧМ | ШБ | ЯК |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
| 6 | 7 | 8 | 9 | 10 | 11 | 12 |
| 13 | 14 | 15 | 16 | 17 | 18 | 19 |
| 20 | 21 | 22 | 23 | 24 | 25 | 26 |
| 27 | 28 | 29 | 30 | 31 | | |

### АПРЕЛ

| ДШ | СШ | ЧШ | ПШ | ЧМ | ШБ | ЯК |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | 1 | 2 |
| 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 |
| 10 | 11 | 12 | 13 | 14 | 15 | 16 |
| 17 | 18 | 19 | 20 | 21 | 22 | 23 |
| 24 | 25 | 26 | 27 | 28 | 29 | 30 |

### МАЙ

| ДШ | СШ | ЧШ | ПШ | ЧМ | ШБ | ЯК |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 |
| 8 | 9 | 10 | 11 | 12 | 13 | 14 |
| 15 | 16 | 17 | 18 | 19 | 20 | 21 |
| 22 | 23 | 24 | 25 | 26 | 27 | 28 |
| 29 | 30 | 31 | | | | |

### ИЮН

| ДШ | СШ | ЧШ | ПШ | ЧМ | ШБ | ЯК |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 1 | 2 | 3 | 4 |
| 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 | 11 |
| 12 | 13 | 14 | 15 | 16 | 17 | 18 |
| 19 | 20 | 21 | 22 | 23 | 24 | 25 |
| 26 | 27 | 28 | 29 | 30 | | |

### ИЮЛ

| ДШ | СШ | ЧШ | ПШ | ЧМ | ШБ | ЯК |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | 1 | 2 |
| 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 |
| 10 | 11 | 12 | 13 | 14 | 15 | 16 |
| 17 | 18 | 19 | 20 | 21 | 22 | 23 |
| 24 | 25 | 26 | 27 | 28 | 29 | 30 |
| 31 | | | | | | |

### АВГУСТ

| ДШ | СШ | ЧШ | ПШ | ЧМ | ШБ | ЯК |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 |
| 7 | 8 | 9 | 10 | 11 | 12 | 13 |
| 14 | 15 | 16 | 17 | 18 | 19 | 20 |
| 21 | 22 | 23 | 24 | 25 | 26 | 27 |
| 28 | 29 | 30 | 31 | | | |

### СЕНТЯБР

| ДШ | СШ | ЧШ | ПШ | ЧМ | ШБ | ЯК |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | 1 | 2 | 3 |
| 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 |
| 11 | 12 | 13 | 14 | 15 | 16 | 17 |
| 18 | 19 | 20 | 21 | 22 | 23 | 24 |
| 25 | 26 | 27 | 28 | 29 | 30 | |

### ОКТЯБР

| ДШ | СШ | ЧШ | ПШ | ЧМ | ШБ | ЯК |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | 1 |
| 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 |
| 9 | 10 | 11 | 12 | 13 | 14 | 15 |
| 16 | 17 | 18 | 19 | 20 | 21 | 22 |
| 23 | 24 | 25 | 26 | 27 | 28 | 29 |
| 30 | 31 | | | | | |

### НОЯБР

| ДШ | СШ | ЧШ | ПШ | ЧМ | ШБ | ЯК |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
| 6 | 7 | 8 | 9 | 10 | 11 | 12 |
| 13 | 14 | 15 | 16 | 17 | 18 | 19 |
| 20 | 21 | 22 | 23 | 24 | 25 | 26 |
| 27 | 28 | 29 | 30 | | | |

### ДЕКАБР

| ДШ | СШ | ЧШ | ПШ | ЧМ | ШБ | ЯК |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | 1 | 2 | 3 |
| 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 |
| 11 | 12 | 13 | 14 | 15 | 16 | 17 |
| 18 | 19 | 20 | 21 | 22 | 23 | 24 |
| 25 | 26 | 27 | 28 | 29 | 30 | 31 |